**ЗИКРУЛЛОҲИ ФАЙЗУЛЛОҲ**





Душанбе

«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ф-61

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Ф-61 **Зикруллоҳи Файзуллоҳ. Рози мусофир** (маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе, «Адиб», 2011, 128 саҳ.

«Рози мусофир» аз зебоиҳои диёр, ишқу вафодорӣ ва садоқату муҳаббати беохир ба ҳар зарра хоки ватан бо як назокати дилгармӣ ҳикоят мекунад.

ISBN 978-99947-2-108-5

© Зикруллоҳи Файзуллоҳ, 2011.

## БА ҶОИ ФОТЕҲА

Дар ин маҷмӯа навъҳои гуногуни шеъри Зикруллоҳ гирд омадааст ва хонанда ба хубӣ дарк хоҳад кард, ки эҷодиёти гӯянда бисёр доманадор аст.

Он чизе, ки пеш аз ҳама эҳсос мешавад, равониву хушоҳангии шеъри Зикруллоҳ аст. Шояд аз ҳамин сабаб ҳаст, ки ҳофизони ҷумҳурӣ ба шеърҳои зиёди ӯ оҳанг баста, замзама мекунанд:

*Куртачакан, ба рақс о,*
*Зеби Ватан, ба рақс о!*

Ҳисси гарми гиро, самимияти беолоиш, содагӣ ва бетакаллуфии суханаш ҷолибанд ва, ба андешаи ман, ин хосияти шеъри хуб аст.

Бо чанд мисол иктифо мекунам:

* * *

*Хони кас зебо шавад ҳар гоҳ, аз нон мешавад.*

* * *

*Ҳиммати абри баҳорон шохаи тар офарад.*

* * *

*Дар ханда гули лола, рӯусух ҳама ёла.*

Бубинед, манзараи кишт кардани замин чи қадар ҷолиб ба қалам омадааст:

*Гоҳ рӯи киштаҳо паррандаҳо ранги ба ранг,*
*Чидани дон аз қафои молаҳо бошад базеб.*

Албатта, ҳама шеърҳои маҷмӯа дар як сатҳу дар як манзалат нестанд. Аммо дар ҳар як маҷмӯа пайдо кардани чанд байту мисраи хубу дилнишин барои хонандаи борикбин мукофоти калон аст.

Ва дилбастагони шеърро аз ин маҷмӯа чунин мукофот арзонист.

*ГУЛНАЗАР*

# ГУЛЗОРИ МЕҲР

## МЕҲРИ ВАТАН

Тоҷикистони азизам, чашмаҳоят бешумор,
Қуллаҳоят барфпӯшу рӯдҳоят обшор.

Мешавад тавлид барқ аз оби ту дар ҳар дара,
Меравад хатҳои он то Ҳинду Чин садҳо ҳазор.

Роҳсозӣ авҷ дорад сӯи мулкони дигар,
Бемалол оянд мошинҳо қатор андар қатор.

Махзани ганҷинаҳои ноаён бошӣ мудом,
Кашфи онҳо оварад дар ҳар қадам авҷу барор.

Дар ҳама аҳдат вафодорӣ ту назди дӯстон,
Аз вафои дӯстонат то намонӣ дар канор.

Ҷангҷӯёни ҷаҳонро сарзаниш умре кунӣ,
Сулҳ бошад аз барои халқи ту доим шиор.

Халқи дунёро ту бошӣ аз ҳама ёри қарин,
Дӯст дорандат туро, эй кишвари доимбаҳор.

Дар тамоми мамалакат аз ҷашни истиқлоли ту
Авҷ гирад рақси мардум бо навои чангу тор.

Ту дигар тарсе надорӣ дар раҳи иқболи худ,
Мерасӣ дилпур ба фатҳи қуллаҳои устувор.

Ҳар куҷое по ниҳам, бо ҳар касе сӯҳбат кунам,
Тоҷикистони азизам, аз ту дорам ифтихор.

## БАҲОРИ ТОҶИКИСТОН

Сад чароғ ин ҷо дурахшон гаштааст,
Дашту саҳроҳо гулафшон гаштааст.
Хорзори мо гулистон гаштааст,
Дар нумӯ аз обу борон гаштааст.
Ин баҳор осоиши ҷон гаштааст.

Дӯстдорон комронӣ мекунанд,
Аз лаби ҳам гулситонӣ мекунанд,
Лолаву гулҳо ҷавонӣ мекунанд,
Булбулон ширинзабонӣ мекунанд,
Пиру барно шеърхонӣ мекунанд.

Барфҳои қуллаҳо гарданд об,
Ҷӯйҳо пур мешаванд аз оби ноб.
Кор меҷӯшад дар ин ҷо ҷои хоб,
Меҳрубониро наяст ин дар ҳисоб
Хешро хушбахт дар ин ҷо биёб!

Ҳинду афғон гирди дастахони мост,
Русу Чин ҳам дӯст чун Эрони мост.
Дӯстӣ фармудаи виҷдони мост.
Дар дифои ҳам қавӣ паймони мост,
Тоҷикистон мулки ҷоноҷони мост!

## МОДАР

Чу модар бо дилу ҷонам қарин аст,
Ба чашмам аз ҳама зеботарин аст.
Ду рухсораш ба мисли лола рахшон,
Ду зулфони бари рӯяш маҳин аст.
Ба тан як куртаи гардии гулдор,
Кашида докааш то бар ҷабин аст.
Ба гардан мӯҳраҳояш партавафшон,
Ҳамелистораи чархи барин аст.
Дари хона ба рӯи пиру барно,
Кушода, меҳрубону некбин аст.

Ҳамеша ҳикмати ӯ аз бароям
Равону содаву чун ангубин аст.
Ҳақиқат бошад ин панди бузургон:
Падар гар осмон, модар замин аст.

## ПАНДИ ПАДАР

Агар дар қалби худ меҳре надорӣ,
Парешон мешавӣ аз бебарорӣ.
Ба чашмат модарат бегона тобад,
Адӯи ҷони ту ҷонона тобад.
Ҳама хешу таборатро надонӣ,
Ниҳоли хушку танҳоро бимонӣ.
Ба пирӣ гар расӣ, афгор гардӣ,
Наёбӣ муттакое, зор гардӣ.
Аз ин рӯ бо ҳама кас меҳрубон бош,
Муҳаббатпарвару фахри замон бош.
Падар, ки чун дарахти мевадор аст,
Бароят хостгори эътибор аст.

## МАКТАБ

Зи мактаб аз замона бохабар гардӣ,
Ниҳолӣ, чун дарахти борвар гардӣ.
Каси беилм охир хор мегардад,
Раҳи бахти сафедаш тор мегардад.
Дар ин дунё чу як бечора мемонад,
Ғарибу бенаво, овора мемонад.
Биё, охир, аз ин гуфтор панд омӯз,
Ғанимат дон ҷавонирову илм андӯз.

## ПАДАР

Падар бошад каси қимат, бидон ту ҳурмати ӯро,
Ҳамеша аз раҳи имон бикун ту хидмати ӯро.
Ба қалби кӯҳ агар лаълу гуҳар бошад ниҳон, аммо
Фузунтар аз гуҳар як умр медон қимати ӯро.

Агар рӯи ҷаҳон гардӣ, в-агар ту қаҳрамон гардӣ,
Бидон ту ҳуснбахши хислати худ хислати ӯро.
Барои зиндагии ту ҳамеша мекашад заҳмат,
Мабар аз хотират асло азобу заҳмати ӯро.
Ба ҷон мекӯш, то боғи падар бошӣ ту аз хубӣ,
Макун торику доғин рӯшании хилъати ӯро.
Падар то рӯзи охир хайрхоҳи тифли худ бошад,
Зиёрат кун саҳаргоҳон ҳамеша турбати ӯро.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистони азизам, нури чашмон хонамат,
Ҳам тану ҷону дилу ҳам дину имон хонамат.
Ман шукуфтам дар канорат бо умеди рӯзгор,
Дар таноби зиндагӣ уммеду армон хонамат.
Ошиқам бар сангу кӯҳу чашмаву хору хасат,
Булбули шӯридаам, гулбоғи даврон хонамат.
Ҳар канори чашмаи софи ту бошад дилписанд,
Бо ҳама оби равонат роҳати ҷон хонамат.
Дӯстӣ бошад маромат бо ҳама аҳли башар,
Бо ҳама аҳли башар пайванди даврон хонамат.
Он қадар мардони ту машҳури дунё гаштаанд,
Бо шарафмардони худ маҳбубу ҷонон хонамат.
Рӯдакӣ шуд кӯру Шоҳин лек дар парвоз шуд,
Аз садои қалби онҳо нури рахшон хонамат.
Рӯи олам дард дорад, марҳамаш Синои туст,
Дар ҳама давру замон доруву дармон хонамат.
Ҷашни истиқлол дорӣ, сулҳи ту поянда бод,
Дар самои сулҳи худ хуршеди тобон хонамат.
Зикри Аллоҳ ин замон аз Оли Сомон ёд кард,
Ворисӣ он тоҷу тахти Оли Сомон хонамат.

## ДАЪВАТ

Ин кишвари ту, кишвари ман, кишвари мост,
Ин модари ту, модари ман, модари мост.
Пурнуру дурахшандаву манзур ба олам
Чун ахтари ту, ахтари ман, ахтари мост.

Хоҳӣ, ки бубинӣ ҳама ҷо чашмаи ҷӯшон,
Мис ё ки биринҷу гуҳару лаъли дурахшон,
Ту сайр бирав сӯи кӯҳистони Бадахшон,
Ҳар як гуҳараш гавҳари ту, гавҳари мост.

Иқбол ба Варзоб ба рӯи ҳама боз аст,
Аз бахти накӯ рӯз хушу умр дароз аст.
Дарвози куҳанро тарабу нағмаву соз аст,
То мутриби ӯ додари ту, додари мост.

Дар ҳар ваҷаби Вахш бубинӣ чаманеро,
Дар Панҷ нигар дилбари соҳибчаманеро.
Кӯлобии хушқомати куртачаканеро,
Ҳар куртачакан хоҳари ту, хоҳари мост.

Норак ба ҳама нур диҳад – меҳри дурахшон,
Аз файзи дурахшонии ӯ гашта ғазалхон.
Моро, ки ба ҳам меҳри Ватан боз қарин кард,
Ёрони қарин дар бари ту, дар бари мост.

Ин файзу фаровонӣ ҳама дар Ватани мост,
Гулҳои тару тоза ҳама дар чамани мост.
Изҳори муҳаббат ба Ватан дар сухани мост,
Ин гуна сухан шаккари ту, шаккари мост.

Магзор, гуле зард шавад дар чамани он,
Магзор дигар бишканад аз мо сухани он.
Гар дарду алам беш шавад дар бадани он,
Дарду аламаш дар сари ту, дар сари мост.

## ҚАДРИ НОН

Хони кас зебо шавад ҳар гоҳ, аз нон мешавад,
Ҳар ки донад қадри нон, ризқаш фаровон мешавад.
Аз ҳама боло бидонам ман варо дар зиндагӣ,
Чунки моро боиси оромии ҷон мешавад.

Сер бошад ишками одам зи нони гандумӣ,
Баъд майлу рағбаташ бар ишқи хубон мешавад.
Хубрӯе гар бихоҳад ғамзае товусвор,
Хирманаш пурбор набвад, кай хиромон мешавад?
Одамиро нон бибахшад завқи кору зиндагӣ,
Баъди серӣ рӯи саҳна ӯ ба ҷавлон мешавад.
Халқ: «аввал нону баъд имон»-нагӯяд аз ҳавас,
Ҳар ки бар нон по гузорад, дур аз имон мешавад.
Бадтарин рӯз аст он рӯзе, ки бе нон хони туст,
Гушна охир мезанад бо шеру ҳайвон мешавад.
Мо ҳама бояд, ки орем эҳтироми нон ба ҷо,
Чунки бо нон зиндагӣ ободу рахшон мешавад.

## АЁ МОДАР

Намебинам туро дигар сари хонам, аё модар,
Барӣ то бар даҳон як бурдаи нонам, аё модар.
Навозиш менамудӣ рӯи зонуят сари манро,
Мани танҳо сарамро дар куҷо монам, аё модар.
Ба мактаб рав, ту мегуфтӣ, бихон аълову доно шав,
Ту рафтиву намедонам, чиро хонам, аё модар.
Дигар рухсори гарми лолагунатро намебинам,
Ки мешуд сурхтар аз нори чагдонам, аё модар.
Миёни пиразанҳо ҷои ту буд аз бари боло,
Туро чун ҷои холии ту пазмонам, аё модар.
Ба пеши акси рӯят дастаи гул ҳар саҳар монам,
Ба он хотир, ки рӯҳат шод гардонам, аё модар.
Баҳори зиндагиятро хазон кардам, надонистам,
Зи дарду ғам бароят медиҳам ҷонам, аё модар.

## ДАРАИ ЭМОМ

Деҳаам, ҷону дилам Каъбаи армон астӣ.
Баҳри ман моҳи шабу шамси дурахшон астӣ.
Чун дар оғӯши ту ман дидаи худ во кардам,
Ҳама дам дар назарам мисли гулистон астӣ.

Оби софи ту ба дарди ҳама марҳам бошад
Санги роҳи туву гарди ту мукаррам бошад.
Хоксоранду азизанд ҳама мардуми ту,
Чун дарахте, ки самар баставу сархам бошад.

Аз ҳавои хуши ту ҳар ки бигирад нафасе,
Дигар андар дили ӯ ҳеҷ намонад ҳавасе.
Ҳар кучҷое биравад, номи туро ёд кунад,
Васфи ту ӯ ба касе гӯяду он кас ба касе.

Рӯи нони ту чу хуршеди саҳар пурнур аст,
Боғзоре, ки ту дорӣ. ба ҷаҳон машҳур аст.
Ризқи ту, Дарраи Эмом, шавад беш зи пеш,
Дар дили халқи ту вақте ки муҳаббат зӯр аст.

## КӮҲИ МУҚАДДАС

Азизу мӯътабар астӣ, бароям Ҳазрати Эмом,
Ба тавсифат ғазалҳо месароям, Ҳазрати Эмом.
Агарчи роҳи ту душвору ноҳамвору пурпеч аст,
Туро ҳар дам зиёрат мебароям, Ҳазрати Эмом.

Маро зеботарин як гӯшаи рӯи ҷаҳон астӣ,
Макони рӯбаҳу шеру палангу оҳувон астӣ.
Ҳазорон ҷонвару парранла дар ту шоду оромаид,
Ту охир ҷонваронро маскани файзу амон астӣ.

Аҷоиб лаззате дорад баҳори файзбори ту,
Гаҳе тундар, гаҳе жола, гаҳе хомӯш тори ту.
Ҳама гулпӯшу рангин аст дар фасли арӯси сол,
Ҳаловат мебарад одам зи гулҳои қатори ту.

Ба як сӯ шар-шари оби сафои рӯди Зарбедо,
Ки меорад ба дил шӯру ғазал дар лаб тамоми сол.
Сипас бинам пиёзи сабзи анзури Шутургардан,
Ки рӯйидаст аз боло ба поин то ба себи Хол.

Агар як қатраи оби зулоли чашмаи Равро,
Ва ё оби шифои тори кӯҳу чашмаи Чавро
Бинӯшад одамӣ бо рустаниҳои шифобахшат,
Бигардад шоду масруру набинад ӯ дигар тавро.

Зи дарё қатрае гуфтам, ҳамеша бехазон монӣ,
Муқаддас аз барои марду зан, пиру ҷавон монӣ.
Баҳори умри инсон гарчи берангу хазон гардад,
Илоҳо, дар нигоҳи мо ҷавону ҷовидон монӣ.

## ШӮҲРАТИ МИЛЛАТ

Марди деҳқон бо арақҳои ҷабин зар офарад,
Ҳиммати абри баҳорон шохаи тар офарад.
Лек кори шоирӣ дорад азоби дигаре,
Мисли деҳқон бо азобе дурру гавҳар офарад.

Модаре бо тифли худ то рӯз ҷонбозӣ кунад,
Гар нахобад тифли ӯ бо дасту по бозӣ кунад.
То намояд шоире васфи варо дар шеъри худ,
То саҳар чун аллаи модар сухансозӣ кунад.

Ошиқон дар ошиқӣ сӯзандаи болу паранд,
Аз ғурури ошиқӣ аз ҷони ширин бигзаранд.
Дарди ошиқро наёбад гар давобахше даво,
Гуфтаҳои шоирон дармон ба ҳар дарди саранд.

Рӯдакиву Саъдиву Ҷомиву Сино тоҷиканд,
Анвариву Бедилу Балхиву Савдо тоҷиканд.
Аз гулистони адаб гулчин намудам бешумор –
Гар ниёгон тоҷиканд, авлоди онҳо тоҷиканд.

Гарчи садҳо ранг гардад чархи таърихи замон,
Пойдор он мамлакат монад, ки он дорад забон.
Боз афзалтар шавад қадри забону миллаташ,
Миллате, ки дорад ӯ шоир, бимонад ҷовидон.

## РАҲНАМОИ ЗИНДАГӢ

Пораи абри баҳорӣ. қатраборони туем,
Дар само чун офтобӣ, нури рахшони туем.
Дар раҳи илму адаб дарёи пуртуғён туӣ
Мо садои авҷдору мавҷи тӯфони туем.
Эй муаллим, эй муаллим, раҳнамои зиндагӣ.

Боғбон дорад ба боғаш гар ниҳоли сабзу хушк,
Чӯби хушк оташқарин асту надорад бӯи мушк.
Медиҳад ранҷат самар монанди боғи боғбон,
Лек дар гулбоғи ту ҳаргиз нарӯяд нахли хушк,
Эй муаллим, эй муаллим, раҳнамои зиндагӣ.

Оқибат пайдо хати ожанг дар рӯи ту шуд,
Қоматат мисли камон, испед абрӯи ту шуд.
Чашми ту шуд хира, то равшан намудӣ чашми мо,
Сабз нахли умри мо аз чашмаю ҷӯи ту шуд.
Эй муаллим, эй муаллим, раҳнамои зиндагӣ.

Ҳар замонро бингари бар хеш дорад қаҳрамон,
Дар самои мулки худ рахшанда чун исторагон.
Кори некат раҳнамои оламу аҳли башар,
З-ин сабаб дар зиндагӣ бошад мақомат ҷовидон,
Эй муаллим, эй муаллим, раҳнамои зиндагӣ.

## ИЗЗАТИ МЕҲМОН

Гар дарат меҳмон кушояд, шукри он бояд кунӣ.
Шукри онро аз дилу ҷон ҳар замон бояд кунӣ.
Чунки ризқаш мерасад пеш аз худаш бар хони ту,
Мешавад кошонаат пурнур аз меҳмони ту.
Ӯ атои Кирдигор асту пазираш бекарон,
Пеши ӯ бигзор охир, ҳар чи дорӣ, рӯи хон.
Бо зану фарзанди худ дар пеши ӯ даъво макун,
Ҳар сухан ҷо дораду маъвои худ расво макун.
То дами рафтан ба ӯ дар хонаат ҳамраҳ нишин,
Дам ба дам хизмат намову ҳоли ӯ пурсида бин.

Зикри Аллоҳ дӯст медорад ба олам ҷони худ,
Кай баробар мекунад бо ҷони худ меҳмони худ?
Панди ӯ кам бошаду қимат чу моли Ҳотамӣ,
Чунки меояд аз ӯ бӯи накӯи одамӣ.

## МАСЛИҲАТ

Аё модар, агар дорӣ ту духтар,
Азоби тарбият афзун ба сар бар.
Ки ӯ як рӯз шавҳардор гардад,
Агар моҳир набошад, хор гардад.
Ба ӯ омӯз шолӣ кӯфтанро,
Тариқи хонаву дар рӯфтанро.
Сипас ёдаш бидеҳ покизакорӣ,
Ҳама бурду барори сарфакорӣ.
Чи гуна меҳмонҳоро пазирад,
Ки номашро ба некӣ ҳар кӣ гирад.
Барои шавҳараш ин дилнавозист,
Чунин як дилнавозӣ сарфарозист.
Агар ӯ ҳурмати пирон бидонад,
Ба ранҷи зиндагонӣ дар намонад.
Туро духтар агар нокора гардад,
Ба пеши шавҳараш бечора гардад.
Нибанад рӯзи неку бовафоӣ,
Варо охир биорад бар ҷудоӣ.
Ҳар он чӣ Зикри Аллоҳ пеша дорад,
Накӯ асту аз ӯ андеша дорад.
Аё модар, агар дорӣ ту духтар,
Азоби тарбият афзун ба сар бар.

## БАҲОРИ ВАҲДАТ

Шукуфон себу зардолу,
Шукуфон ноку шафтолу.
Зи файзи навбаҳорон аст
Шукуфон яхмаву олу.

Миёни себу шафтолу,
Ду тан гелоси ҳамсоя
Ба мисли куллаи барфин
Сафеданду қавипоя.

Ба сӯи ҳар кадом ору
Ба навбат бол бикшояд.
Садои булбули шайдо
Ба дилҳо шодӣ афзояд.

Дилам хоҳад, диёрамро
Ҳамеша инчунин бинам.
Гули хушбӯи ваҳдатро
Ҷавону нозанин бинам.

## АТОИ ХУДО

Бар хонадони тоҷикон
Омад баҳори нозанин.
Дар даштҳо гулҳо шукуфт,
Хушранг шуд рӯи замин.
Зеби гулистон омада.

Дар теппаву дар кӯҳсор,
Дар ҳар канори чашмасор,
Дар назди руди беқарор
Аз ҷунбиши боди баҳор
Майса ба ҷавлон омада.

Дилдодаҳои гулпараст,
Гулҳои наврӯзӣ ба даст,
Аз бӯи гул гардида маст.
Бо шӯру шар масту аласт
Шеъру ғазалон омада.

Рӯзи Навин оғоз шуд,
Дарвозаи дил боз шуд.
Базму суруду соз шуд,
Истораҳои савту соз
Гӯё зи кайҳон омада.

Чун андалебони чаман
Сад шукр гӯям аз Ватан.
Охир, баҳори ҷовидон
Аз холиқи ҷисму равон
Бар Тоҷикистон омада.

## ХУДШИНОСӢ

Орзуҳои наве дорам ба дил,
Кош, бикшоям чу абре болу пар.
Бар сари ҳар ёлаву ҳар пуштае,
Ашк резам, ашки шодӣ ҳар саҳар.

Ё барои ошиқони некном,
Ман замин бошам, замини сабзпӯш.
Аз гулу аз накҳати гулҳои тар
Беш орам завқи онҳоро ба ҷӯш.

Ё шавам дарёи пуршӯру равон,
Гавҳаре дар синаи худ парварам.
Тар бисозам коми ҳар як ташналаб.
Дар замини худ гулистон офарам.

Ё кунам дар осмон парвоз ман,
Бо кабӯтар, бо қуву бо ғоз ман.
Гардам охир, дар раҳи сулҳи ҷаҳон
Бо сафеду бо сияҳ ҳамроз ман.

Хуб медонам, набинам дар амал
Ҳар як аз ин орзуҳои дилам.
Худ гувоҳ астанд лек онҳо,ки ман
Меҳрубону некному хушгилам.

## НАКӮӢ

Ҳаётам дар гузар будаст, донистам,
Варо ҳам болу пар будаст, донистам.
Чу боди сар-сарӣ бигзашт ғамангез,
Паси ғам чашми тар будаст, донистам.

Ба дӯшам зиндагиро бор мебинам,
Ду бозуям фақат дар кор мебинам.
Ба уммеди сафои рӯзи фардоям
Азобе дар шабони тор мебинам.

Намедонам ба кӣ рози ниҳон гӯям,
Киро золим, киро ман меҳрубон гӯям.
Барои дӯстони нонию ҷонӣ
Пур аз андарзу ҳикмат достон гӯям.

Касе аз худ нишоне дар ҷаҳон монад,
Ба ҳар навъе, ки бошад, дар забон монад.
Худоро хуш биояд, банда осояд,
Чу аз одам накӯӣ ҷовидон монад.

## ЭЙ ҲАМВАТАН

Эй ҳамватан, эй ҳамватан,
Озурдадил, озурдатан.
Сӯи ватан оӣ агар,
Бахтат бисабзад чун чаман.

Ҳарчанд ки шоҳаншаҳӣ,
Рахшанда монанди маҳӣ.
Вақте ки дурӣ аз Ватан,
Зарду хазон мисли каҳӣ.

Он ҷо, ки дар ғам мешавӣ,
Дар ғам пайи ҳам мешавӣ.

Н-ой агар сӯи Ватан,
Аз ҳар ҷиҳат кам мешавӣ.

Эй ҳамватан, эй ҳамватан,
Озурдадил, озурдатан.
Сӯи Ватан ой агар,
Бахтат бисабзад чун чаман.

## ЗАҲМАТИ ПИР

Дар ҷону тани ту ҷои бедарде нест,
К-имрӯз туро маҷоли раҳгардӣ нест.
Бори қади ту фитода бар фарқи асо,
Чун ту дигаре ба доми дилсардӣ нест.

Дар пеш хазон асту баҳорат паси сар,
Мӯи ту шуда сафеду гӯшат шуда кар.
Хуни ҷигари ту хушк шуд аз ғами халқ,
Ду чашми ту шуд хираву бемиҷҷаву тар.

Бо ҳоли табаҳ нишастаӣ дар сари раҳ,
Гаҳ каф ба ҷабин бариву гаҳ зери манаҳ.
Дерест ба андӯҳ ту раҳ мепоӣ,
Доғе ба дилат фитода з-он рӯзи сияҳ.

Афгори ғаму кулфати тақдир шудӣ
Аз ҳоли худу замона дилгир шудӣ.
Аз ҷанг наомаданд ду баччаи ту,
Дар сол ҷавонию вале пир шудӣ.

## МЕҲРИ МОДАР

Модар, ту чароғи равшани хонаи мой,
Маҳтоб туиву меҳри рахшонаи моӣ.
Мӯи ту сафед асту ҷамолат пури ожанг,
Бо ин ҳама зебоии кошонаи моӣ.

Мо тухми накуӣ ба замин пош намоем,
Монандаи борон ба сари донаи моӣ.
Дар олами ҳастӣ сухан ар тоҷи ҳунарҳост,
Дунёи пур аз ҳикмату афсонаи моӣ.
Ширину азизиву вафодор ба фарзанд,
То ҳаст ҷаҳон гавҳари якдонаи моӣ.

## ҲАМДАМИ ПИРОН

Марди умраш рафтаро ризқаш ками кам мешавад,
Қомати сарви баладаш чун камон хам мешавад.
Ҳусни рӯяш гаштаву рангаш хазон монанди коҳ,
Дидагонаш хираву мижгон пур аз нам мешавад.
Пайкараш ларзон шавад, ранҷурияш гардад фузун,
Хаста гашта, дардҳои ӯ пайи ҳам мешавад.
Баччадор ар бошад ӯ, бозори гардон хонааш,
Бори гардун бар сараш, дилгиру пурғам мешавад.
Завҷааш ҳам мезанад доде ба сӯяш ҳар замон,
Ҳамчу хас меларзаду дар пеши ӯ хам мешавад.
Ӯ наёбад ҳамдаме дардаш кушояд пеши ӯ,
Бар сараш резон фақат бозори мотам мешавад.
Гарчи буд ӯ дар ҷавонӣ дӯстдору мӯътабар,
Вақти пирӣ пеши ёрон хору мулзам мешавад.
Зикри Аллоҳ аз худои меҳрубон дорад умед,
Аз худое, ки ба пирон ёру ҳамдам мешавад.

## КАДРИ НОН

Меҳнати одам барои нон бувад,
Нон барояш қуввату дармон бувад.
Пораи ноне наёбад гар касе,
Аз барояш рӯзу шаб сарсон бувад.

Қадри нон донистан аз ифрони мост,
Қадри нон донистан аз виҷдони мост.
Чун худотарсе маро қавл аст ин:–
Қадри нон донистан аз имони мост.

## БАҲОРИ САРҲАД

Як ҷо гули бодому як ҷо гули райҳон аст,
Як су гули қоқуву як су гули торон аст.
Дар ханда гули лола, рӯсурх ҳама ёла,
Чун кокули печида ҳар риштаи борон аст.
Ҳар гул ба ҷамол омад, булбул ба висол омад,
Чаҳ-чаҳ задани булбул зебо ба гулистон аст.
Ин тиру камонро бин хандонлабу рангоранг,
Аз ҳусни дилорояш маъшуқа ба ҷавлон аст.
Дар домани кӯҳсораш бо созу наю тораш,
Чӯпон ба сари санге шодону ғазалхон аст.
Дар он тарафи сарҳад, дар ин тарафи сарҳад,
Бингар ту табиатро якхел гулафшон аст.
Гар меҳри Ватан дорад ҷо дар дили сарҳадбон,
Афзунии меҳри он аз файзи баҳорон аст.

## ЛАҲЗАИ ВОПАСИН

Ту ашки равони рӯи мижгон, модар,
Ту барги хазони боғу бӯстон, модар.
Дар кӯҳи баланди зиндагӣ барфи сафед,
Ту барфи сафеди баъди борон, модар.

Эй модари ҷон, ранги рухат зард шудаст,
Роҳи сафарат магар пур аз гард шудаст.
Ҳарчанд ба ту меҳру вафо тӯҳфа кунам,
Аз меҳру вафоям дилакат сард шудаст.

Дар бистари ғам нигаҳ ба рӯят дорам,
Меҳри ту ба дил, даст ба мӯят дорам.
Ту азми сафар зи хонаи мо дорӣ,
Бо ашки равон назора сӯят дорам.

Дар лаҳзаи охирин нигоҳе кардӣ,
Аз баччаи раҳдур суроғе кардӣ.
Дарду ғами он баччаи раҳдурита
Болои ҳазор доғ доғе кардӣ.

Дар хоби шабам шамъи фурӯзон, модар,
Гаҳ дар сари хон бо лаби хандон, модар.
Бо куртаи оҳарӣ гаҳе дар хобам,
Дар пеши назар дурӯза меҳмон, модар.

## ЁДИ МОДАР

*(Аз саргузашти Алии сағира)*

Баҳор асту табиат нозанин аст,
Ба чашмам сабз тобад рӯи ёла.
Миёни сабзаҳои махмалинаш
Шукуфта ҳар куҷо гулҳои лола.

Миёни лолаҳои сурхи хандон
Бидидам лолае берангу сархам.
Ғами деринаам бар ёдам омад,
Сарам хам буду чашмонам пур аз нам.

Зи хурдӣ аз падар маҳрум гаштам,
Маро модар фақат будӣ парастор.
Азизу меҳрубонам буд модар,
Вале ӯ ҳам баногаҳ гашт бемор.

Миёни хона танҳо буд модар,
Ба гирдаш тоб мехӯрдам ҳаросон.
Диламро нолаи ӯ реш мекард,
Мани бечора будам зору ҳайрон.

Гаҳе каф мерасондам бар ҷабинаш,
Ҳамемолидам он гаҳ дасту пояш.
Ба шири нимгарму нимширин,
Гаҳе нон реза мекардам барояш.

Сарамро сила карда гуфт модар:
«Надорам қуввату дармони дигар.
Бирав то холаат огоҳ гардад,
Дами бемориам ҳамроҳ гардад.»

Зимистони пур аз барфу хунук буд,
Сарам урён, либоси ман тунук буд.
Ба поям мӯзаи сӯроху пурнам,
Дилам озурда буд аз зӯрии ғам.

Гирифтам роҳ сӯи деҳаи дур,
Ба аҳволи баде, бе тӯшаи роҳ.
Сари ангуштҳоям сахт месӯхт,
Чу меафтодам андар гӯшаи роҳ.

Раҳораҳ ранҷи бисёре кашидам,
Худоро шукр кардам, чун расидам.
Бигуфтам он чӣ буд, паёғоми модар,
Тавалло кардамаш аз номи модар.

Сарамро сила карда, холаам гуфт:
«Саҳар барвақт хоҳам омад он ҷо,
Кунун бояд ки роҳи хона гирӣ,
Намонад модари ту зору танҳо.»

Расида нимашаб бар пеши модар,
Маро гардида будӣ ҳол бадтар.
Бибӯсидам ман аз рухсори сардаш,
Бимонд ӯ ҳам ба рӯям дасти гармаш.

Зи сардии ҳавою роҳи душвор
Маҷоли як даҳан гуфтан набудам.
Валекин розҳои холаамро
Барои модарам қадре кушудам.

Надонам ӯ ба сӯи кӣ мағал кард,
Гирифт охир, маро зери бағал кард.
Даровардам даруни куртаи сон,
Ки орад бар тани ниммурдаам ҷон.

Гузашта фурсате чанд аз шаби тор,
Шудам бо сад хаёл аз хоб бедор.
Танамро аз даруни куртаи ӯ
Бурун кардам, ба лаб оварда гуфтор.

Бидидам рӯз равшан, хона тор аст,
Ба ҷои нур дар хона ғубор аст.
Ду чашми модарам берангу ғамгин/
Ба роҳи хоҳари раҳдур чор аст.

Тамоми гармиашро дода бар ман,
Дар охир ҷон раҳо бинмуд аз тан.
Ягона сарпарастам модарам буд,
Маро танҳо бимонду рафт аз ман.

Баҳор асту манам танҳои танҳо,
Нишаста дар хаёли рӯи модар.
Зи мижгон ашки сӯзонам бирезад,
Зи ашкам манзили модар шавад тар.

**МЕҲРНОМА**

Сирри давлат гар ниҳон бошад, ниҳондонаш туӣ,
Чашмаи инсофу адли чашми виҷдонаш туӣ.
Ранҷу хориҳо биояд бар сари мардум агар,
Марҳами дарду гулистонсози давронаш туӣ.

Дарду доғе дар дилу домони имони ту нест,
Ҳирси моли дунявӣ дар қалбу чашмони ту нест.
Пок будӣ, пок ҳастӣ, пок монӣ то абад,
Дар талоши бахти халқ ором виҷдони ту нест.

Пой монӣ дар раҳи пурпечутоби зиндагӣ,
Тоб орӣ бар ҳама ранҷу азоби зиндагӣ.
Бар ҷавонон кору кирдори накӯят ибрат аст,
Чунки меҷӯӣ дар ин олам савоби зиндагӣ.

Дилқавию дурандеш, оҳанин хонам туро,
Бо ҳама хурду калон ёру қарин хонам туро.
Боғбони боғи некӣ, эй азизи одамон,
То забон дорам, ҳазорон офарин хонам туро.

## ДИЛАМ РАНҶУР ГАРДОНАД

Ғубори хонаи вайрон,
Фиғони кӯдаки нолон,
Ғами бечораи сарсон,
Ғариқи дарди бедармон,
Дилам ранҷур гардонад.

Ба роҳи бад сафар кардан,
Талоши симу зар кардан,
Ба хони кас назар кардан,
Ҳавасро тоҷи сар кардан,
Дилам ранҷур гардонад.

Чу ғофил хоб рафтанҳо,
Гапи беҳуда гуфтанҳо,
Ба мисли як саги танҳо
Фузун хӯрдан, насуфтанҳо
Дилам ранҷур гардонад.

## ҚАДРЕ НАДОРАД ИН ҶАҲОН

Одам зи дунё бигзарад,
Бо шӯру ғавғо бигзарад.
Бе тӯшаву бе молу зар
Чун боди саҳро бигзарад.

Чун барф ҳаргиз зоғ нест,
Як одами бедоғ нест.
Андар сарои зиндагӣ
Бе шохи хушке боғ нест.

Эй одамон, эй одамон,
Дар ҳар нафас, дар ҳар баён
Бар қадри якдигар расед,
Қадре надорад ин ҷаҳон.

## ОИНИ ВАФО

Ба дарди бедавои қисмати хеш
Гияҳҳои давобахшанда меҷуст.
Ба уммеде, ки бинад рӯи фарзанд,
Сари сабзаш ба оби арча мешуст.

Гаҳе бигрифта ӯ роҳи мазоре,
Гаҳе мегуфт арзаш бо табибе.
Гаҳе аз бебарориҳои тақдир
Дилаш мекард во пеши ҳабибе.

Варо дар хона буд аз моли дунё
Фузунтар ҳар чи хоҳӣ, чанд бар чанд.
Вале дар гӯшаи дил буд холӣ,
Ягона ганҷи дунё-ҷои фарзанд.

Пайи таскини ӯ мегуфт модар:
«Туро қисмат чунин овора кардаст.
Машав ғамгин, туро гар нест фарзанд,
Туро қисмат чунин бечора кардаст.»

Маро ӯ пуштибони хеш гуфта,
Ба ман гаҳ тоқию гаҳ ҷома медӯхт.
Маро як дам ба паҳлӯ гар намедид,
Чу шамъи шӯъларези хона месӯхт.

Ҳамеша бо хаёли рӯи фарзанд
Маро кард ӯ калону гашт худ пир.
Варо ман модари худ мешумурдам,
Нахӯрдам гарчи аз ӯ қатраи шир.

## НОМА

Ишқи покат дар дилам маъво гирифт,
Нарму ширин чун маро кардӣ нигоҳ.
То ду чашмам нур гирад аз рухат,
Бар сари роҳат бароям ҳар пагоҳ.

Мебароям, интизорӣ мекашам,
Ҳар нафас бо беқарорӣ мекашам.
Вақти аз пеши назар бигзаштанат,
Гоҳ шодӣ, гоҳ хорӣ мекашам.

Ту намедонӣ, дареғо, ҳоли ман,
К-эй ҳабиби дил, гирифтори туам.
В-аз ҳама гулҳои хушранги базеб,
Эй гули зебо, харидори туам.

Нест ҷуръат бо ту гӯям рози дил,
Гарчи дорам дар дилам дарду алам.
Шуд мададгорам гаҳи ифшои роз
Андар ин мактуби мавзунам қалам.

## МАРДИ ҲУНАР

*Ба ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон*
*Ҷумъахони Сафар*

Эй марди ҳунарманд, гаҳе саҳна бароӣ,
Аз Ҷомию аз Саъдию Хайём сароӣ.
Бо шавқу ҳавас мухлиси ту боз бигӯяд:
– Эй марди шарафманд, аҷаб дидароӣ.

Бо лаҳни хушат булбули боғу чаман астӣ,
Як гавҳари рахшанда ба чашмони ман астӣ.
Овози туро хуш шунавад марди ватандур,
Марҳам ба кабоби дили ҳар беватан астӣ.

Гоҳе ки барӣ санъати худ бар Ямани дур,
Тоҷик шавад аз ҳунари хуби ту машҳур.
Чун кабки дарӣ ҷилва кунад духтари Алмон,
Вақте ки бихони ба ҳавои наю танбӯр.

Умри ту дарозу ҳамаро шод намоӣ,
Аз субҳи сафои ватани хеш сароӣ.
Ҳарчанд ки сахт асту дароз аст раҳи бахт,
Бар қуллаи мақсуд, илоҳо, бибароӣ.

## АНДАЛЕБ

*Ба ровӣ ва ҳофизи хушхон*
*Ҳусейни Абдурраҳмон*

Рӯи хони мо базеб аз нон бувад,
Қимати тан аз дилу имон бувад.
Гар кушоӣ базми моро бо сухан,
Нуктаҳоят базми моро ҷон бувад.

Панди Саъдию Камолу Анварӣ
Бар забони хеш доим мебарӣ.
Гарм месозӣ ба лутфат базми мо,
З-ин сабаб дар базмҳо ту сарварӣ.

Гаҳ ба дасти хеш мегирӣ дутор,
Месароӣ бо алам Одинавор.
Рӯҳи ӯро шод гардонӣ мудом,
Марди соҳибэҳтиромӣ дар диёр.

Дар гулистон булбули хушхон туӣ,
Зеби саҳна, ахтари рахшон туӣ.
Мардуми доно баҳоят додааст,
Ҳофизи хуштолеъи даврон туӣ.

Эй Ҳусайни Абдураҳмон, боз хон,
Дӯстдори мардумон худро бидон.
Бар ту сарсабзиву шодии абад
Толиб астем аз Худои меҳрубон.

## ШУКРОНА

*(Аз забони Давлати Ёқуб)*

«Туро Давлат ниҳодам ном, нек аст,» –
Чунин гуфту зи олам рафт модар.
Бирафту баста шуд иқболу бахтам,
Ки гӯё сарнагун шуд тоҷу тахтам.

Зи як сӯ ранҷҳои зиндагонӣ,
Зи як сӯ соддагиву нотавонӣ.
Чунон дилгирам охир карда буданд,
Хазон будам ту гӯӣ дар ҷавонӣ.

Ба хизмат рафтаму модар набудам,
Ки орад тӯшаи роҳ аз бароям.
Ба ҳангоми гуселам аз сари меҳр
Бирезад оби чашмаш аз қафоям.

Адо шуд хизмату андар қатора
Бидидам лӯлие, ки фол мегуфт.
Нигаҳ карда ба дастону ба чашмам,
Гаҳе аз солу гаҳ аз мол мегуфт.

Диламро дод қувват ӯ ба шодӣ,
Ки поёни шаби торат сафед аст.
Калонтар мешавию мол ёбӣ,
Ки бахтат дар кафи дастат падид даст.

Ба ёдам омад он дам ҳарфи модар,
Ки номи Давлат охир номи нек аст.
Пас аз гуфтори лӯлӣ бо умеде
Нигаҳҳо карда будам бар кафи даст.

Шумурдам ҳар баҳори умри худро,
Ки кай пур мешавад панҷоҳ солам.
Зи фоли лӯлию гуфтори модар
Замоне беҳ шавад айёму ҳолам.

Кунун шукронаи имрӯз дорам,
Баҳори хурраму фирӯз дорам.
Накӯ фарзанду ёру хонаву мол,
Зи файзи меҳнатам наврӯз дорам.

Агарчанде ки ҳоло пуртавонам,
Наям мағрури амволи гаронам.
Ҳамон як Давлати шӯху накӯкор
Барои дӯстони худ бимонам.

## ИЛТИҶО

Эй очаи ҷон, фитода дар кӯча манам,
Дар панҷаи зиндагӣ чу бозича манам.
Ҳарчанд ту зиндаӣ дар ин олами дун,
Як духтари пажмурдаи беоча манам.

Имрӯз ҷавонию ҷаҳон мегардӣ,
Ҳампешаи масту аблаҳон мегардӣ.
Як бор нагуфтаӣ, ки духтар дорам,
Аз духтари раҳгумат ниҳон мегардӣ.

Афгор зи дурии ту гардида танам,
Хапдораки кӯдакони ҳар янга манам.
Бар духтари ту кӣ гӯшворӣ бихарад,
Ғайр аз ту кӣ мехӯрад ғами пираҳанам?

Эй кош, зи нав ту дар барам мехуфтӣ,
Аз тахти дилат ту духтарам мегуфтӣ.
Аз меҳру муҳаббатат сарам карда сила,
Ҷону ҷигару тоҷи сарам мегуфтӣ.

Муштоқи ҷамолу чашму рӯи ту манам,
Ошиқ ба висолу гуфтугӯи ту манам.
Як духтари нӯҳсола зи ту гашта ҷудо,
Бечораву дар суроғи бӯи ту манам.

Бо ман падарам шакарзабонӣ бикунад,
Гулҳои умедам арғувонӣ бикунад.
Аммо натавонам ин, ки бе ту бошам,
Ҳарчанд ҳазор меҳрубонӣ бикунад.

## КАМ НОЗ КУН

Эй мушти пар, як дам биё, то ҳамдами ҷонаш шавӣ,
Андар миёни хонааш зеби сари хонаш шавӣ.
Хонад туро ҷонона ӯ, беҳтар зи сад дурдона ӯ,
Мағрур будан бас дигар, охир пушаймонаш шавӣ.
Ӯ донаи ишқи туро дар хоки дил афшондааст,
То дар баҳори зиндагӣ гулхӯшаи донаш шавӣ.
Нуре фишон бар хонааш аз рӯи худ, то аз дигар
Дар осмони бахти ӯ хуршеди рахшонаш шавӣ.
Дардаш гарон асту давон то мағз-мағзи устухон,
Инсоф кун, васлаш биҷӯ, бар дард дармонаш шавӣ.
Қаҳру итобу нону нуз аз гӯшаи имон, ки нест,
Баҳри худо кам ноз кун, ёри баимонаш шавӣ.

## ДУНЁИ ПИРӢ

Зи ҷабри зиндагӣ қомат хамида,
Зи сар ақли расо кайҳо парида.
Ду дида хираву мижгон пури нам,
Рухаш зарду кафи поҳо кафида.
Барои дасту ангуштони ларзон
Намезебад дигар зулфи расида.
Ба кӯдак феъли ӯ гардида яксон,
Варо дар ҳар нафас бинӣ рамида.
Ҷавонӣ мисли хоби хубу ширин
Гузашта, ё ба пову сар давида.
Зи дашти лолаву райҳону наргис
Гумонаш, пораи барге начида.
Агар ӯро занаш соле ҷавон аст,
Варо дар хоки тар кайҳо тапида.
Ҳамин бошад ба кас дунёи пирӣ,
Ки гӯё аз ҷаҳон чизе надида.

## ЁДИ ДӮСТ

Аз миёни дӯстон Раҳмони Қурбон рафт, ҳайф,
Дар баҳори зиндагӣ аз назди ёрон рафт, ҳайф.
Гарчи мекард ӯ таманно шодкомӣ аз ҳаёт,
Дар азоби зиндагӣ печида нолон рафт, ҳайф.
Марги хоҳар аз барояш доғи дил гардида буд,
Аз ғами ӯ об гашту чашмгирён рафт, ҳайф.
Доғи фарзанди падар сӯзандаи ҷону дил аст,
Сӯхт ҷону дил варо, охир парешон рафт, ҳайф.
Духтари бечорааш ҳам бахти худ нодида буд,
Аз пояш девонавор, ашкаш чу борон рафт ҳайф.
Орзую ормони нек ӯро беш буд,
Ормонҳояш ба дил, чун кони армон рафт, ҳайф.
Зикри Аллоҳ аз фироқаш марсиятхон гаштааст,
Бармаҳал охир варо ёри ғазалхон рафт, ҳайф.

## ДОДИ ХУДО

Кист зан, модар, агар бошад накӯ? –
Давлати мард асту ӯро обрӯ.
Ҳамчу кабки ром гӯё дар қафас,
Хонаро обод гирад ҳар нафас.
Чорпоёнро диҳад то обу коҳ.
Сӯи оғил меравад ӯ ҳар пагоҳ,
Гаҳ бихезад, сӯи оташдон равад,
Гаҳ ба сӯи лонаи мурғон равад.
Аз азал гӯё ки дорад ҷустуҷӯ
Рӯбучину пухтупаз, ҳам шустушӯ.
Тифлаконашро навозиш мекунад,
Бо аёли мард созиш мекунад.
Аз дилу ҷон ёвари пирон бувад.
Шодмон аз омади меҳмон бувад.
Ҳамсари нек аст умре бонамоз,
Меҳрубону дилбар асту дилнавоз.
Ёри ӯ бошад ҳамеша сарбаланд,
Хонаи солим намеёбад газанд.

## ТАЪКИД

Агар модар туро ранҷур бошад,
Харобу хаставу ноҷӯр бошад,
Асодору ду чашмаш кӯр бошад,
Ҳушу ақл аз сари ӯ дур бошад,
Нигаҳбонаш набошӣ ҳамчу фарзанд,
Намебахшад гуноҳатро худованд!

Агарки ҳамдами модар набошӣ,
Шарики ҳар ғами модар набошӣ,
Ба паҳлӯи хами модар набошӣ,
Азизу марҳами модар набошӣ,
Насозӣ як дам ӯро шоду хурсанд,
Намебахшад гуноҳатро худованд!

Агар ту чил ҳунар дорӣ, хуш астӣ,
Зарин тоҷе ба сар дорӣ, хуш астӣ,
Чу Қорун симу зар дорӣ, хуш астӣ,
В-агар бар ҳаҷ сафар дорӣ, хуш астӣ,
Дили модар кунӣ озорпайванд,
Намебахшад гуноҳатро худованд!

## ТАЪНА МАЗАН

Бар ҳастии зори мӯсафедон
Ту таъна мазан, бародари ҷон.
Чун косаи давр зиндагонист,
Шояд бичашӣ чу пир аз он.

Умри ту кунун, ки гулфишон аст,
Солим дилу пову бозувон аст.
Ҷабре ту макун ба мӯсафеде,
Бе ҷабру ҷафои ту хазон аст.

Имрӯз чу қадрашон бидонӣ,
Рӯшан бикунӣ раҳи ҷавонӣ.
Чун пир шавӣ дуо гирифта,
Ҳаргиз ба азобу ғам намонӣ.

## ПАНД

Ба роҳи ҳақ сафар кунед,
Раҳо худ аз хатар кунед.
Дар ин ҷаҳони имтиҳон
Зи роҳи каҷ ҳазар кунед.

Канора ҷуста аз ҳасад,
Ба дил кушед нафси бад.
Хӯред луқмаи ҳалол,
Ки аз ҳаром дил мурад.

Ҳунарварӣ, ки қимат аст,
Чароғи роҳи қисмат аст.
Дар ин сарои зиндагӣ
Башорат аз саодат аст.

## БОРОН

Вақте ки шаб то саҳар
Чак-чак борон меборад.
Бар қалбу рӯҳи ғамгин
Овози ӯ мефорад.

Дар назди дар нишинам,
Ду зонӯям дар оғӯш.
Ҳамранги шаб дили ман
Сиёҳ асту пардапӯш.

Гӯё ғами дили ман
Аз қалби абри сиёҳ
Қатра-қатра мерезад
Рӯи бому рӯи роҳ.

## РОҲАТИ ҶОНИ МАРДОН

Оташи чагдонро бин,
Рафидаву хонро бин.
Дар бари чагдони гарм
Часпондани нонро бин.

Болои суфра қатор
Кулчаҳо чун гули нор.
Аз оташи чагдонаш
Рӯяш мисли лолазор.

Дар ҳама давру замон,
Дар ҳар як ҷову макон
Бошад зани кадбону
Роҳати ҷони мардон.

## НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД

Расад он рӯз, ту ҳам пир шавӣ,
Қади хамгашта, асогир шавӣ.
Кӯш, фарзанд баномус шавад,
То ки дилшод зи тақдир шавӣ.
Агар ӯ дур бимонад зи адаб,
Хаставу лоғару дилгир шавӣ.
Ҳеҷ гоҳе ба занат ҷабр накун,
В-арна шоистаи таҳқир шавӣ.
Баҳри ҳамсоя фақат хубӣ кун,
Ҳама ҷо лоиқи тавқир шавӣ.
Сарфи беҳуда накун умри ҷавон,
То зи пирони батадбир шавӣ.

## ХИЗМАТ КУН

Амри дили ту ҳамин, ки музтар бошам,
Як умр ба даргаҳи ту чокар бошам.
Тири ғазабат хӯрдаму рафтам зи дарат,
Чокар нашавам туро, накӯфар бошам.

Рӯзе, ки ба ту курсии мансаб доданд,
Гӯё, ки туро ривоҷи матлаб доданд.
Рафтори бадат дидаву гӯям ба ту ман,
Ҷоме зи маи ҳила лаболаб доданд.

Бе ҳилаву макр хизмати мардум кун,
Ёде зи ҳикояти ҷаву гандум кун.
Аз шамси хирад нур биҷӯ, то ҳастӣ,
Шабҳои ҳаёти худ пур аз анҷум кун.

## РУБОИЁТИ МУСОФИР

Гар зоғи сияҳ пой ниҳад дар чаманам,
Бо дарду алам гурезам аз ин ватанам.
Ҳарчанд макони зиндагӣ ёбам ман,
Бе ёди ватан набошад оҳу суханам.

Эй очаи ҷон, садқа шавам нони туро,
Он муғпару он суфраву чагдони туро.
Гаҳ ташнаву гаҳ гушна, гаҳе саргардон,
Дур аз ватанам ёд кунам хони туро.

Гоҳе ба хаёли ман шакароб расад,
Ё ҷуз-ҷузи равғани қурутоб расад.
Чун тасп кунад танам зи кори бисёр,
Бар хотири ман сардии дуғоб расад.

Рафтам ба ғарибию дилафгор шудам,
Мӯҳточи дари хонаи пулдор шудам.
Дур аз ватану модари мушфиқ, афсӯс,
Эркабачаи оча ачаб хор шудам.

Дур аз ватанам, оча, туро ёд кунам,
Армон дорам, оча, туро шод кунам.
Гар музди ду-се солаи худ гирам ман,
Оям ба ватан, бар сари ту бод кунам.

Афсӯс, ба сар биомадам дарди дигар,
Бар, достак, аз мани дилафгор хабар.
Бар модари пири ман бигӯ, баччаи ту,
Дур аз ватанаш монад шаш соли дигар.

# МАШҚИ ҒАЗАЛ

* * *

Ин қадар ҷабру ҷафои бекарон дорад аҷал,
Бар тани шоҳу гадо даъвои ҷон дорад аҷал.
Мезанад гаҳ панҷае худ бар сари мардони пир,
Гоҳ майли навҷавону тифлакон дорад аҷал.
Бе маҳал моро ба дунёи хамӯшон мебарад,
Дар раҳи бистони ҷон садҳо забон дорад аҷал.
Гиря кун, эй дил, ба вақти рафтани ёрони хеш,
Хоҳиши бишнидани доду фиғон дорад аҷал.
Бар касе, ки дар ҷаҳон аз хештан монад нишон,
Заҳмати беҳуда, тири бенишон дорад аҷал.

* * *

Луқмаи безаҳмате заҳри бадан бошад маро,
Балки мисли заҳри мори Аҳриман бошад маро.
Ҳар гаҳе бинам ба хонам порае нони ҳалол,
Дар назар чун рӯи гарми гулбадан бошад маро.
Дидани дидори ёрони ба ҷон пайванди ман
Беҳтар аз дидори гулзору чаман бошад маро.
Кистам дар байни мардум? – Булбули шӯридадил,
Майлу хоҳиш васфи гулҳои ватан бошад маро.
То суханро бо сухан зам мекунам бо хуни дил,
Сурхии рӯ, сабзии сар аз сухан бошад маро.

* * *

То ёди рӯяш мекунам, аз дидаам хун меравад,
Селе, ки пайдо мешавад, аз хона берун меравад.
Дил дар даруни синаам чун булбуле андар қафас,
Оҳи мани афсурдадил боло зи гардун меравад.

Дар фасли гул бе васли гул девонасон гардидаам,
Бе рӯи ёрам рангу бӯ аз дашту ҳомун меравад.
Бо ӯ хуморе доштам, балки баҳоре доштам,
Бе ӯ нишони зиндагӣ аз рӯи гулгун меравад.
Дар ҳалқаи дилдодагон сирре намемонад ниҳон,
Имрӯз шарҳи ҳоли ман дар шаҳр афзун меравад.
Он ошиқони покдил гӯянд бо сӯзу гудоз,
К-аз даҳр Зикруллоҳи мо охир чу Маҷнун меравад.

* * *

Бе таҳорат пои худро бар дари дӯкон намон,
Рӯ ба ҳар коре, ки орӣ, аз дифои ҷон намон.
Гар кунӣ азми сафар, ҳатман бигир аз кас дуо,
Бе дуо ҳаргиз қадам берун ту аз долон намон.
Майпарастӣ одати бад ҳасту монад то абад,
Пои раҳрав бар хилофи ояти Қуръон намон.
Тозагии рӯҳро аз маърифат ҳосил бикун,
Бесаводу беҳунар чун пайрави шайтон намон.
Ҷисми одам худ ҳарому лафзи ӯ бошад ҳалол,
Лафзро беқадр назди аблаҳу нодон намон.
Меваи ширин ба кас аз ёри ҷонояд ба даст,
То тавонӣ аз вафову сӯҳбати ҷонон намон.
Зикри Аллоҳ аз муҳаббат панд мегӯяд мудом,
Эй писар, ҳаргиз қафо аз сӯҳбати пирон намон.

* * *

Эй субҳи сафо, бар дили торам шараре бахш,
Бар марди ҳунаманду вафоҷӯ зафаре бахш.
Имрӯз ҳама авҷи гулу нусрати бор аст,
Гулҳои тару тозаи моро самаре бахш.
То ҷилва кунад дар назарам хандаи асрор,
Бар чашми сафохоҳ зиёи назаре бахш.
Чун марди ғарибам ба хаёлам ғами меҳан,
Гармии умеде ту ба чашмони таре бахш.
То ҷон ба танам ҳаст, бигӯям сухан аз ишқ,
Мурғи ҳунару табъи маро болу паре бахш.

* * *

Рафтӣ аз пешам, дилам бо дарду ғам пайваста шуд,
Бо таноби интизорият нигоҳам баста шуд.
Сӯи роҳи дилкашам рафтам, ки бинам рӯи ту,
Хушку холӣ дар нигоҳам бе ту роҳу раста шуд.
Дил умеди сӯҳбатат дорад, вале дурӣ зи ман,
Хаста шуд чун дил зи дурият, тану ҷон хаста шуд.
Тӯҳфа кардам бар ту як гулдаста дар рӯзи баҳор,
Танз гуфтиву ғамолуд аввал он гулдаста шуд.
Дигар уммеде надорам, ки биёбам ёваре,
Сар задам бар ҳар дару сад дар ба рӯям баста шуд.
Аз ҷафои ту кашидам оҳ аз шаб то саҳар,
Шеъри ман тавлид аз оҳи сарди аз дил ҷаста шуд.

* * *

Ту марав аз бари ман, чун ту касе ёрам нест,
Дар ҷаҳон ғайри ту маҳбубаву дилдорам нест.
Ту барои дили ман Каъбаи уммед астӣ,
Ғайри номи туву васфи ту ба гуфторам нест.
Сари зулфи ту бибусам, бизанам панҷа бар он,
Ба каманди сари зулфи дигарон корам нест,
Дар баҳорон ҳама кас сайри гулистон бираванд,
Ғайри рӯи ту вале лолаву гулзорам нест.
Он қадар дар дили худ ишқи туро кардам ҷо,
Ту биё бин, ки ба ҷуз нур ба дидорам нест.

* * *

Бо ҳазорон саргаронихо хаёлам сӯи туст,
Суӣ зулфи печ-печу дидаву абрӯи туст.
Дар баҳорон бар машомам бӯи гулҳо мерасад,
Дар миёни он ҳама роҳатфизоям бӯи туст.
Ҳар гаҳе борон биборад печ-печу тор-тор,
Дар хаёли тозаи ман нусхае аз мӯи туст.
Рӯи Парвину Зуҳал бошад бароям бебаҳо.
Лек зеботар бароям чеҳраи некӯи туст.
Ҳеҷ пастие надорад мастии ман пеши ту,
Чунки он аз мастиҳои наргиси ҷодӯи туст.

* * *

Биё, эй ёри хандонам, туро ман дӯст медорам.
Зи дурии ту гирёнам, туро ман дӯст медорам.
Дилам торику рӯзи ман сиях̧ чун рӯзи боронист,
Биё, хуршеди рахшонам, туро ман дӯст медорам.
Намебинӣ, ки ҷони ман ба дарду ғам гирифтор аст,
Биё, эй марҳами ҷонам, туро ман дӯст медорам.
Ба уммеди висолат зиндагӣ дорам дар ин олам,
Биё, уммеду армонам, туро ман дӯст медорам.
Чу шамъе дил даруни синаам сӯзад барои ту,
Ба ин аҳвол сарсонам, туро ман дӯст медорам.
Шикаст аз дасти ман бо ёди ту паймонаҳо бисёр,
Вале нашкаст паймонам, туро ман дӯст медорам.
Мусулмонӣ ба имону ҷавонмардӣ ба нон бошад,
Қасам бо нону имонам, туро ман дӯст медорам.

* * *

Аз теғи нигоҳи гулбадан метарсам,
Аз хори бари гули чаман метарсам.
Бемеҳр агар тӯҳфа кунад ёсуманам,
Аз рангу ҷилои ёсуман метарсам.
Рӯбоҳсифат фатҳ кунад кӯҳеро,
В-ар пора кунад кӯҳу даман, метарсам.
Аз теғи забони бад дилам месӯзад,
Аз захми табар на, аз сухан метарсам.
Шаҳд аст каломи хуби зан бар гӯшам,
Аз тӯҳмати ногаҳони зан метарсам.
Аз марди дурӯя алҳазар мегӯям,
Як умр зи макри Аҳриман метарсам.
Эй кош, гаҳе равад зи тан, зуд равад,
Аз сустравии ҷон зи тан метарсам.

* * *

Ту ба гулзор марав, ки гули гулзор манам,
Гули хушрангу базеби сари бозор манам.
Рӯзи наврӯзи аҷам ҳасту ҳама гулрез аст,
Дар чаман нек нигар, мисли гули нор манам.

Ҳар касе моҳ бихонад рухи худро ба шабат,
Моҳи тобон ба раҳат вақти шаби тор манам.
Натавонам, ки туро пеши рақибе бинам,
К-аз фироқи ту аламдидаву бемор манам.
Ту бикун ёди ману пой намон сӯи касе,
То ҷаҳон аст, туро ёри вафодор манам.

* * *

Чун шаб сияҳу домфикан мӯи ту бошад,
Моҳи шаби раҳгумзадагон рӯи ту бошад.
То хонаи дил дар қафаси синаи танг аст,
Майли дили бечораи ман сӯи ту бошад.
Ҳар кас ба гулистон биравад, лола бичинад,
Бӯи гули садбарги тарам бӯи ту бошад.
Дар сояи беди лаби ҷӯ тоза шавад рӯҳ,
Роҳат ба сарам сояи паҳлӯи ту бошад.
Гар дасти табиб аст шифобахши маризон,
Доруи тан аз панҷаву бозӯи ту бошад.
Аз кӯҳкании мани содиқ ба ту гӯяд,
Обе, ки пайи замзама дар ҷӯи ту бошад.
Ҳарчанд дил аз дурии ту сӯзаду созад,
То ҳаст ҷаҳон, дар ҳаваси кӯи ту бошад.

* * *

Эй тозагули хунҷигари дар қафаси мо,
Бар кӯи висоли ту расидан ҳаваси мо.
Мо болу пари хеш бисӯзему бигӯем,
– Ошиқ шудаам, кай ту шавӣ додраси мо?
Имрӯз баҳор асту биё, боди баҳорам,
Дар сояи гул як нафасе ҳамнафаси мо.
Бархезу биё, эй қамари шӯълавари дил,
Эй ёр, бисӯз аз қадамат хору хаси мо.
Мо розӣ дили хеш бигуфтем саҳаргоҳ,
Аз боди сабое бишунав ин ҳаваси мо.

* * *

Эй бародар, аз мақоми одамон андеша кун,
В-аз мароми бадсиришти бадгумон андеша кун.
Сӯҳбате гар мекунӣ, бо одами доно бикун,
Аз нишастан бо рафиқи бадзабон андеша кун.
Гар сафар дорӣ ба ҷое аз миёни марғзор,
Аз палангу шеру гурги он макон андеша кун.
Мекунад гар як тавоно дасти худ сӯят дароз,
Шояд ӯ рӯзе бигардад нотавон, андеша кун.
Дасти холӣ меравӣ рӯзе ба зери хоки тар,
Кори некӯ пеша кун, аз он ҷаҳон андеша кун.

* * *

Ин чӣ бахте, к-аз падар бигрифтаам некӯ дуо,
Аз дуои ӯ маро бошад ҳама сулҳу сафо.
Аз ҷафо ҳаргиз магӯ назди мани боақлу ҳуш,
Хуб медонам, чи қимат дорад оини вафо.
Сарвсон гар қад кашам дар боғзори зиндагӣ,
Ҳаст аз ранҷи падар умре маро қадди расо.
Дарди дил афзоядам гар печутоби рӯзгор,
Мерасад аз гуфтугӯ бо ӯ ба ҳар дардам даво.
Зиндагӣ дорад агар сад гуна офат дар бағал,
Панду андарзаш нигаҳбон бошадам аз ҳар бало.
Қиблагоҳаш ном мегирем мо, зеро падар
Мактаби ахлоқ ҳасту нангу номусу ҳаё.

* * *

Аз пеши назар ҷилвакунон гул гузаре кард,
Дуздида ба сӯи мани ошиқ назаре кард.
Мехост бигӯяд сухане аз дили пурдард,
Аз шарму ҳаё лаб накушоду ҳазаре кард.
Гуфтам, ки биё ёр, ту бар сайри гулистон,
Аз ҳар тарафе чашми бахилон назаре кард.
Пурдарду алам гашт маро рӯзи баҳорон,
Он дарду алам беш маро хунҷигаре кард.
Тақдир бубин, бахти ҳама дод ба хубӣ.
Имрӯз маро баста дару дарбадаре кард.

Шабҳо, ки аҷаб тира шавад, гар набувад моҳ,
То тира намонад дили мо, ӯ саҳаре кард.
Аз ишқ, дилам, ранҷ бикаш, ки самари ишқ,
Рӯзе бирасад, бар тану ҷонат асаре кард.

* * *

Дунё ба умеду рӯзу шаб метозам,
Бо мавҷи калони зиндагӣ мебозам.
Ҳосид нашавам ба қасри ҳамсояи худ,
Ман хонаи худ зи лою хас месозам.
Дорои замон зи моли худ ноз кунад,
Ман аз ҳунару ҳосили он менозам.
Ҳар шом ба хонаам биорам ноне,
Ширин бикунад каломи шукр овозам.
Ҳаргиз наравам ба ёди ёрони дигар,
Бо ёри ба ҷон баробарам ҳамрозам.
Аз меҳру вафои дӯстони ҷонӣ
Сар то ба фалак кашида дар парвозам.
Кӯшам ба умед, то ки аз шеъру суруд
Як кохи баланди бегазанде созам.

* * *

Ман дар дили худ ғубор дорам,
Аз ҷабру ҷафои ёр дорам.
Аз ҳосили дурии нигорам
Дар сина дили фигор дорам.
Чун оташи шамъ беқарорам,
Чун сӯхтаҷон қарор дорам.
Бе нури чароғи рӯзгорам
Аз хонаи худ фирор дорам.
Фарҳодсифат ба ёди Ширин
Ҷонам ба раҳаш нисор дорам.
Ҷуз ному паёми ӯ нагӯед,
Бар панди шумо чӣ кор дорам?
То дар дили ман муҳаббати ӯст,
Уммед ба сад барор дорам.

* * *

Бар оне, ки надонад қадри панди мо, сухан ҳайф аст,
Ба гӯши зоғтинат савти мурғони чаман ҳайф аст.
Касе, ки аз Ватан дур асту меҳри он намеварзад,
Барояш меҳрубонии вафодори Ватан ҳайф аст.
Гули ишқу муҳаббатро касе помол месозад,
Нагӯям ҳарфи ширинаш, ки ёд аз Кӯҳкан ҳайф аст.
Макони ҷилваи гулҳои тар саҳни чаман бошад,
Миёни сангзору шӯразорон ёсуман ҳайф аст.
Надонад ҳар ки фарқи кори нек аз бад дар ин дунё,
В-агар бе тавба мирад, мурдаи ӯро кафан ҳайф аст.
Биё, эй Зикри Аллоҳ аз худои худ талаб покӣ,
Ки бетаълиму бетавфиқро хуни бадан ҳайф аст.

* * *

Дар хиёли шеър гоҳе сайри дунё мекунам,
Сайри боғу дашту ҳомун, кӯҳу саҳро мекунам.
Мепарастам ҳар нафас гулҳои рангини баҳор,
Аз ҳунар бо чашми дил олам тамошо мекунам.
Ҳусн мебахшад ба духтар мӯи мушкини дароз,
Васфи тоҷикдухтарони чашмшаҳло мекунам.
Сатр бар сар мӯд шуд бар духтарони комҷӯ,
Сатрбанди покро дар дидаҳо ҷо мекунам.
Ҳоҷие бинам агар бо майпарастон ҳамнишин,
Рӯсиёҳии варо дар дил таманно мекунам.
Баддилону бадравонҳо, ҳайф, гардиданд беш,
Ҳаҷвашон лозим шавад, сад неш пайдо мекунам.

* * *

Намехоҳам, ки сарватманд бошам,
Фақат дар ҷамъи сарват банд бошам.
Баробар гашта бо шайтони малъун,
Чу ӯ дар фикри макру фанд бошам.
Зи нодории мардум ғам нахӯрда,
Ба коми хеш толиб қанд бошам.

Ду чашмам кӯр гардида зи бойӣ,
Ғурури хешро дилбанд бошам.
Ҳар он чӣ додааст Эзид Таоло,
Аз он умре қаноатманд бошам.

* * *

Даруни синаам узве чу шамъе ҳар замон сӯзад,
Зи сӯзи шамъи даргирон вуҷудам бофиғон сӯзад.
Аз ин олам касе бо худ набурда моли дунёӣ,
Сарам аз ҷоҳилии молғундорӣ ҷавон сӯзад.
Нишоне беҳтар аз фарзанди некӯ нест одамро,
Дили ман аз фироқи рафтагони бенишон сӯзад.
Бубинад модаре ҷабре зи фарзандони бадхӯяш,
Маро аз ҳоли ин бечора модар устухон сӯзад.
Паси сар кардани пасту баланди зиндагӣ сахт аст,
Ки ҷонам дар раҳи пасту баланди ин ҷаҳон сӯзад.
Қадам берун намон, эй Зикри Аллоҳ аз раҳи шафқат,
Ки бешафқат ниҳоли обрӯят ҷовидон сӯзад.

* * *

Дар баҳорон дашти пур аз лолаҳо бошад базеб,
Сабзу хуррам майсаҳои ёлаҳо бошад базеб.
Абр борад гоҳ борон, гоҳ жола рӯи дашт,
Риштаи борону дурри жолаҳо бошад базеб.
Аз хамии ҳар дара овози най ояд ба гӯш,
Ҳамсадои боду борон нолаҳо бошад базеб.
Гоҳ рӯи киштаҳо паррандаҳо ранги ба ранг,
Чидани дон аз қафои молаҳо бошад базеб.
Шодмон аз омади фасли баҳори рӯҳбахш,
Бозии бекинаи бузғолаҳо бошад базеб.
Боғҳои себу нок андар миёни ҳар дара,
Ҳосилоти заҳмати даҳсолаҳо бошад базеб.
Чун сабад дар китф дар боғанд занҳо, холаҳо,
Латтаи гулбасту мӯи холаҳо бошад базеб.
Гулбадасте ошиқону наварӯсон гулбасар,
Лаб ба лаб дар базми гул қинғолаҳо бошад базеб.

* * *

Равад шаб, медамад субҳи худо оҳиста-оҳиста,
Расад нуру зиё бар чашми мо оҳиста-оҳиста.
Ҳаёти одамӣ гаҳ рӯшанӣ дорад, гаҳе торӣ,
Раҳо гардад хирадманд аз бало оҳиста-оҳиста.
Машав мағрур аз дороиву рангинии даврат,
Туро ҳам мепарад ранги қабо оҳиста-оҳиста.
Пайи коре чу мегардӣ, сабуксорӣ макун ҳаргиз,
Ки беарзиш шавӣ чун гарди по оҳиста-оҳиста.
Ҳақи мардумхӯрӣ бар молдорон ҳам ситам орад,
Ба роҳи бад равӣ, гардӣ гадо оҳиста-оҳиста.
Агар қадри дигарҳоро ту аз худ бештар донӣ,
Сарат боло равад то бар само оҳиста-оҳиста.
Биёву гӯш кун моро, ки ҳар андарзи Зикруллоҳ
Биёбад дар дили боҳуш ҷо оҳиста-оҳиста.

* * *

Боақлу бохирад ҳар сар намешавад,
Беақл одамӣ раҳбар намешавад.
Гарчи барои мард зан офарида шуд,
Ҳар зан дар ин ҷаҳон дилбар намешавад.
Зоянда низ ҳаст ҳайвон дар ин замин,
Зоянда ҳар зане модар намешавад.
Бошад ҳар он касе боақлу ҳӯшманд,
Бо ёри бехирад ҳамсар намешавад.
Таъсир кай кунад пандам ба ғофилон,
Ҳар санги рӯи раҳ гавҳар намешавад.
Мағрур кай расад бар қадри дӯстӣ,
Вақте ба пеши дӯст чокар намешавад!

* * *

Маро дардест вазнин, то саҳар бедор мегардам,
Зи дарди ишқ менолам, ба ёди ёр мегардам.
Ҳама бозори гул доранду он ободд мегиранд,
Мани сарсони дилмурда паси бозор мегардам.
Рақибон ҷилва гар доранд рӯшон сурху болида,
Рухам чун заъфарон гаштасту дил афгор мегардам.

Намедонам киро гӯям зи ҳоли булбули шайдо,
Фалак бишнав садоямро, тани бемор мегардам.
Агарчи сад чаман гул дар замини мо ба ҷавлон аст,
Канора чун ғарибон аз гулу гулзор мегардам.
Бидидам майпарастонро, ки ҷоми пур зи май доранд,
Маро ҷом аз азал холӣ, ду чашмам зор мегардам.
Худоё, мекунам зорӣ, ки бахти бастаам во кун,
Ки то кай дар ҷавонӣ бо чунин дастор мегардам.

* * *

Дар забони шаккаринат баста паймони кӣ буд,
Рӯи сурхи лолагунат зери дандони кӣ буд?
Турраву мӯи туро чун доми дил гуфтам, вале
Даври зулфони маҳинат дасти тасфони кӣ буд?
Ман, ки хурдам тири мижгони туро дар ҳар нафас,
Ғайри ман он тири мижгон қосиди ҷони кӣ буд?
Пеши бар бикшода будӣ ҳамчу субҳи ростин,
Аз тамошояш мунаввар чашми хандони кӣ буд?
Рашки маҳ оварда буд он рӯи беҳтар аз маҳат,
Моҳи рӯи ту чароғи бахти рахшони кӣ буд?
Боғи гул обод кардам, то қадам монӣ дар он,
Ҳосили меҳрам надонам, ҷои ҷавлони кӣ буд?
Ман ба фармони дилам фармонбарат будам, вале
Пай набурдам, қалби ҷони ту ба фармони кӣ буд?

* * *

Зани бад бештар дар вақти пирӣ душманат гардад,
Сияҳноне, ки бар ту медиҳад, захри танат гардад.
Азият мекашӣ ҳар дам агарки кисаат холист,
Ҷафобахшандаи ҷонат суханҳои занат гардад.
Сарат хам меравӣ аз пушти ӯ ҳар ҷо ки фармояд,
Ду дасташ мисли банди хар ба гирди гарданат гардад.
Намебинӣ дигар барқи садоқат дар ду чашмонаш,
Нигоҳаш рӯҳсӯзанда ба мисли гулханат гардад.
Худо гӯӣ, ки гирад тезтар ҷон аз тани ларзон,
Ки ҷонат балки безор аз ҳавои меҳанат гардад.
Агар бошад туро фарзанди хубе, гӯй шукрона,
Фақат ӯ метавонад шодмон аз гуфтанат гардад.

* * *

Ин қадар пироҳани шинам ба бар бошад базеб,
Гирди доман акси хуршеду қамар бошад базеб.
Дар миёни лолаҳои мавҷхези ёлаҳо
Латтаи гулбасти ёрам даври сар бошад базеб.
Сурма молидаст бар чашмон, ки рӯшантар шаванд,
Рӯшану сӯзон ба сӯям як назар бошад базеб.
Ростӣ, кайфият орад бар ман ин ҳусну ҷамол,
Муву рӯву чашму абрӯ, пеши бар бошад базеб.
Дар фироқ аз дард, аз андӯҳ, аз ғам, аз алам
Сӯхтан чун шохаҳои хушку тар бошад базеб.
Чун гулу булбул, ки мастанд аз висоли ҳамдигар,
Дар нигоҳи ҳамдамон шому саҳар бошад базеб.
Зикри Аллоҳ ин сухан гӯяд чу таъкид аз ҳаёт:
Гар самар аз ошиқӣ бошад, самар бошад базеб.

* * *

Ба вақти баччагӣ одам зи дунё бехабар бошад,
Гаҳе шоду гаҳе масрур, гаҳ бо чашми тар бошад.
Ба сар ҳаргиз намеорад зи роҳи дур андеша,
Агарчи роҳии сад роҳи дури пурхатар бошад.
Агар ишқи нахустин авҷ гирад дар дилаш ногаҳ,
Чу Маҷнун мехурӯшад, то ки Лайлиро хабар бошад.
Ғурури баччагӣ лабрез бошад ҳамчу ҷоми май,
Батамкин мешавад он, ки зи панде бохабар бошад,
Кушояд баччаро иқболи неку бахти Ҳотамвор,
Ҳамон вақте ки ӯ дар хизмати модар, падар бошад.

* * *

Бикӯш андар ҷавонӣ, то зи илме бохабар гардӣ,
Ба олам сабзу хуррам чун дарахти борвар гардӣ.
Бирав бо шаҳраҳи илму нишин бо мардуми доно,
Ки бе илму ҳунар умре гадои дар ба дар гардӣ.
Нахонӣ гар, туро бошад басе дарду алам дар пеш,
Зи ранҷи зиндагонӣ ҳар замон бо чашми тар гардӣ.
Накӯ бошад шунидан панду андарзи накӯ пирон,
Чи хуш бошад агар аз панди пирон баҳравар гардӣ.

Агарчи чашму гӯшу дасту бозӯи бутун дорӣ,
Надорӣ илм гар, дар зиндагонӣ кӯру кар гардӣ.
Зи ту нафъе набинад миллату ёру бародарҳо,
Барои одаму олам ҳамеша дарди сар гардӣ.

* * *

Ба чашмони базебу холи рухсорат ту менозӣ,
Ба ду абрӯи пайванди думи морат ту менозӣ.
Ду зулфони маҳинат дар назар чун ҳалқаи доранд,
Ба зулфони маҳини ҳалқаи дорат ту менозӣ.
Ба монанди шаби тор аст он гесӯи мушкинат,
Ба гесӯи дарози чун шаби торат ту менозӣ.
Гаҳе рухсори сурхи лолагунат шарми гул орад,
Ба он сурхии роҳатбахши рухсорат ту менозӣ.
Чу ларзонӣ ду нори пеши бар, ларзад дили ошиқ,
Шуда мағрури ҳусни худ, ба ду норат ту менозӣ.
Аҷаб зебо чаман бошӣ, чу пӯшӣ куртаи нақшин,
Ба рангинию ҷаззобии гулзорат ту менозӣ.
Ба Зикруллоҳи ошиқ кай шавӣ ошиқ ба якбора,
Ки гӯям аз ҳавас бо ҷумла рафторат ту менозӣ.

* * *

Ғайр аз ту, эй рамида, ёри дигар надорам,
Ҷуз дидани ҷамолат фикре ба сар надорам.
Девонавор гашта дар кӯҳу дашту саҳро,
Аз деву аз балоҳо ҳаргиз ҳазар надорам.
Бе ту сиёҳбахтам, бишкаста тоҷу тахтам,
Побанди рӯзи сахтам, ҷуз чашми тар надорам.
Умре туро биҷӯям, то дарди дил бигӯям,
Аммо ба кӯят, эй ҷон, роҳи гузар надорам.
Пӯсида решаи тан, хушкида шоху баргам,
Аз ҷабри ту хазонам, як шохи тар надорам.
Гуфтӣ, ки аз ман охир, дил канданат бувад беҳ,
Дил канда кай тавонам, дилро ба бар надорам.

* * *

Торҳои беди маҷнун мисли гесӯи ту аст,
Шӯълаи маҳтоб ҳам чун шӯълаи рӯи ту аст.
Ҳар ки бинад моҳи навро, мекунад некӯ дуо,
Дар лабам умре дуо аз моҳи абрӯи ту аст.
Майпарастон гар хумори хеш аз май бишкананд,
Ғамбарорам дар хуморам чашми ҷодӯи ту аст.
Ман ба сар ҳаргиз наорам фикри дороии хеш,
Аз сари шаб то саҳар фикрам равон сӯи ту аст.
Дар гулистон даври гулҳо мисли орӯ пар занам,
Лек хуштар дар димоғам накҳати рӯи ту аст.
Мепарастам зулфи мушкини туро Маҷнунсифат,
Баски занҷири дилу ҷону танам мӯи ту аст.
Мекунӣ ҷабру ситам бар Зикри Аллоҳи ғариб,
Лек ӯ дар ҳар ду дунё бандаи кӯи ту аст.

* * *

Нишаста рӯ ба рӯям навиниҳоле,
Ба пушти лаб ниҳода буд холе.
Хамида зулфи мушкин дар бари рӯ,
Аҷаб чашму аҷаб мижгон, парирӯ.
Ду гесӯяш хамида то ба домон,
Қаду қомат баланду чеҳрахандон.
Камонабрӯ, лабонаш пистаи тар,
Ба ҳуснаш ҳусн бахшад латтаи сар.
Ба гӯшаш ҳалқаи заррин дурахшон,
Ба гардан ҷилва дорад дурру марҷон.
Ба сад нозу ба сад шива шукуфон,
Ба мисли ғунчаи фасли баҳорон.

* * *

Шунав андарзи пирону макун ҳаргиз сабуксорӣ,
Ки бори каҷ ба манзил каҷ расад бе санги сарборӣ.
Ба дунё ишқи поки одамӣ аз зар бувад авло,
Агар дунболи зар гардӣ, бубинӣ кулфату хорӣ.

Ба номус ар туӣ, як умр ишқатро нигаҳбон бош,
Баҳори ишқи кас охир хазон гардад зи беорӣ.
Қаноат кун ба ризқи додаи парвардигори хеш,
Пайи нафси бадат гардӣ, намоӣ мардумозорӣ.

* * *

Ҳалиму дилписанду хоксор аст,
Хаёлаш доимо бар сӯи кор аст.
Сухан санҷида мегӯяд ба шодӣ.
Лабони ӯ шукуфон чун баҳор аст.
Сари хам дорад ӯ аз некномӣ,
Мисоли як дарахти мевадор аст.
Чу модар меҳрубон бошад ҳамеша,
Аз ин рӯ корҳояш бобарор аст.
Миёни пиру барнои ҷамоат
Бинои обрӯяш устувор аст.

* * *

Аз фасли хазон барги хазон мемонад,
Аз одами бад бадӣ нишон мемонад.
Ӯ дил ба нишон гирад бо лафзи бадаш,
Дар гӯшаи дил захми забон мемонад.
Кай рӯзи хушу хандаи мардум хоҳад,
Бар сададилон азоби ҷон мемонад.
То лаҳзаи аз худо ҷазо дидани ӯ,
Бар дӯш чу як бори гарон мемонад.

* * *

Чаҳ накан дар роҳи кас, худ зери чаҳ хоҳӣ фитод,
Умри ту зоеъ шавад, дар нимараҳ хоҳӣ фитод.
Қадри хирман мешавад боло зи коҳу донааш,
Гирди хирман бенишон чун гарди каҳ хоҳӣ фитод.
Аз гунаҳкорӣ бипарҳезу савоби умр ҷӯй,
Варна рӯзи маҳшар аз бори гунаҳ хоҳӣ фитод.

* * *

Гар бар ту худо ақли расо дод, бикун шукр,
Ҳам давлату ҳам дасти сахо дод, бикун шукр.
Подории ту дар сари давлат зи вафо аст,
Ёдат агар оини вафо дод, бикун шукр.
Гоҳе, ки туро бод нашуд хирмани пурбор,
Андак ба ту гар боди сабо дод, бикун шукр.
Ҳар зодаи касро нарасад ақл ба ҷояш,
Бар зодаи ту ақл ба ҷо дод, бикун шукр.
Аз дасти бадон ҷома напӯшӣ, ки шавӣ бад,
Аз доми бало роҳи раҳо дод, бикун шукр.
Бар ёрии хешон нарасӣ бе тани солим,
Солим тану бедард ду по дод, бикун шукр.
Одам наравад рост, шавад дур гар аз вай,
Бар каҷравият гарки ҷазо дод, бикун шукр.
Эй дӯст, ту дар ҳар нафасат ёди худо кун,
Ҳар бешу каме дод, худо дод, бикун шукр.

* * *

Зи андарзи бузургон бохабар бош,
Адаб омӯзу ҷӯёи ҳунар бош.
Наорад мева шохи хушкгашта,
Дарахти зиндагиро шохи тар бош.
Намонӣ зор то дар нимароҳе,
Ҳамеша бо ҳунарвар ҳамсафар бош.
Биомӯз аз падар илме, ки дорад,
Ба фарзандони худ доно падар бош.
Бидон, беилм дунё ҳаст торик,
Бисӯзу ҳамчу шамъе шӯълавар бош.
Биомӯзӣ агар илме саросар,
Сари хам чун дарахти босамар бош.
Ҳамеша, дар ҳама ҷо, дар ҳама кор
Ба ёди он худои тори сар бош!

* * *

Чун пир шудам, худо, маро хор макун,
Камризқ кунӣ агарчи, нодор макун.
Фарзанди накӯям аз раҳи рост магир,
Ҷуз некӣ аз ӯ маро талабгор макун.
Ҳамсоя агар талаб кунад, молаш деҳ,
Мӯҳтоҷ вале маро ба беор макун.
Ганҷ аст аст ба бандаат тани солими ӯ,
То мурдани ман маро асодор макун.
Мурдан ҳақу ҷони ман бигир аз зан пеш,
Дар фурқати ӯ маро дилафгор макун.
Ҳарчанд чу духтар аст келин, ту маро
Чун кӯру каре ба гарданаш бор макун.
Дардам бидиҳӣ гаҳе, сабук дардам деҳ,
Дарди аҷали маро ту думдор макун.
Гул чинам агар аз чамани шодиву ранҷ,
То рӯзи фано насиби ман хор макун.

* * *

Қабои одамӣ дорӣ ту дар бар,
Хаёли Ҳотамӣ дори ту дар сар.
Китоби зиндагӣ хонӣ шабу рӯз
Қадам санҷида мемонӣ шабу рӯз.
Дарахти борвар сархам бигардад
Зи файзаш бехи ӯ пурнам бигардад.
Ба ҳар ҷо по ниҳодӣ, гулфишон шуд,
Талошат ибрати пиру ҷавон шуд.
Аз ин рӯ дар нигоҳи мардуми мо
Туӣ доно, туӣ барнову зебо.

* * *

Зи нодонии ҳар нодон дилам озурда мегардад,
Зи бераҳмии бераҳмон дилам озурда мегардад.
Агар навхонае аз дасти зан тарки ватан созад,
Барои хонаи вайрон дилам озурда мегардад.
Агар маъшуқае бинам, надонад қадри ошиқро,
Зи ҳоли ошиқи сарсон дилам озурда мегардад.
Агар фарзанди ноқобил надонад қимати модар,
Зи доғи модари гирён дилам озурда мегардад.
Хиёнат гар кунад бар дӯстони хеш номарде,
Аз ин дилдода бар шайтон дилам озурда мегардад.
Ба уммеде кушояд хонаи касро каси дигар,
Надонад иззати меҳмон, дилам озурда мегардад.
Нагирад гар касе аз зери пояш резаи нонро,
Расад бар вай ваболи нон, дилам озурда мегардад.
Барои мо, ки сарқонуи бемонанд Қуръон аст,
Кунӣ сарпечӣ аз Қуръон, дилам озурда мегардад.

# СУРУДҲО

---

## НАВРӮЗ МУБОРАК

Наврӯзи нав барои хурду калон муборак,
Дар осмон муҷалло рангинкамон муборак.
Абри баҳор дурру марҷон ба сар бирезад,
Файзи баҳори тоза бар деҳқон муборак.
Аз қадкашии гандум сурх аст рӯи мардум,
Бикшода назди меҳмон дасторхон муборак.
Гулдухтарон чаканпӯш, чун лолаву сияҳгӯш,
Шодию хуррамии гулдухтарон муборак.
Лабрез рӯдҳоянд аз барфи обгашта,
Оҳанги ошнои рӯди равон муборак.
Аз чор ҷониб ояд савту суруди форам,
Аз дил рабуда ғамро, тӯи калон муборак.
Мурғони муждаовар болои сар парафшон,
Наврӯз-ҳадяи бахт аз осмон муборак!

## РОҒУН

То ба дӯши миллатам бунёди Роғун омада,
Қуввату нерӯи мо пайваста афзун омада.

Сарзамини хешро бояд ки нуронӣ кунем,
Чеҳраи мардони кор аз меҳр гулгун омада.

Мисли Фарҳоди матин то об аз кӯҳ оварем,
Родмардон саф ба саф бар дашту ҳомун омада.

Мо на танҳо шоду хуррам гаштаем аз кори нек,
Пайки шодиву нишот аз марз берун омада.

Беҳтарин эҷоди инсон дар замин нурофарист,
Ин хирадмандӣ ба бахти мо зи гардун омада.

## СУРУДИ МАРЗБОН

Эй Ватан, марзи туро мо посбонӣ мекунем,
Марзбонӣ мекунему шодмонӣ мекунем.
Бар ватандорон туӣ қиматтар аз ганҷи ҷаҳон,
Бар ҳама амрат итоат ҷовидонӣ мекунем.

Тоҷикистон, ҷону тан, Модар-Ватан,
Гулфишон монӣ ҳамеша чун чаман!

Хоку оби ту барои мо азизу мӯътабар,
Дар вафои аҳди худ ҳастем мо шому саҳар.
Дӯстонатро намоем аз вафо бологузар,
Душманатро зуд месозем мо зеру забар.

Тоҷикистон, ҷону тан, Модар-Ватан,
Гулфишон монӣ ҳамеша чун чаман!

Соф монад, то ҷаҳон бошад, фазоят, эй Ватан,
Ҷону қалби мост умре дар вафоят, эй Ватан.
Ҳамчу фарзанди накӯ фахри ватандорӣ кунем,
Лозим ояд, ҷони мо бодо фидоят, эй Ватан.

Тоҷикистон, ҷону тан, Модар-Ватан,
Гулфишон монӣ ҳамеша чун чаман!

## МО АСКАРЕМ

Мо аскарем, мо аскарем,
Мо ҳомиёни кишварем.
Меҳраш ба дил тоҷаш ба сар,
Ҷон бар дифояш биспарем.

Ҳар гӯшаи хоки ватан
Қиматтар аст аз ҷону тан.
Шому саҳар ҳифзаш кунем,
Монад шукуфон чун чаман.

Ӯ ҷону мо ҷонони ӯ,
Содиқ ба ҳар фармони ӯ.
Хоҳад касе бахти варо,
Як умр мо хоҳони ӯ.

Мо аскарем, мо аскарем,
Мо ҳомиёни кишварем.
Меҳраш ба дил тоҷаш ба сар,
Ҷон бар дифояш биспарем.

## СОЛИ НАВ, ИҚБОЛИ НАВ

Марҳабо эй соли нав, хуш омадӣ,
Соли нав, иқболи нав хуш омадӣ.
Бар диёри Тоҷикистони азиз
Гӯиё як боли нав, хуш омадӣ.

Гар ғаме дорам, паси сар мешавад,
Зиндагӣ рангину дилбар мешавад.
Бахти нав орӣ ба ҳар як хонадон,
Аз паят дилҳо мунаввар мешавад.

Марҳабо эй соли нав, хуш омадӣ,
Соли нав, иқболи нав, хуш омадӣ.
Бар диёри Тоҷикистони азиз
Гӯиё як боли нав, хуш омадӣ.

Арчаи сарсабз дар ҳар хонадон,
Гирди ӯ даҳҳо ниқоби ҷонварон.
Дасти якдигар гирифта бо умед,
Рақсу бозӣ мекунад пиру ҷавон.

Марҳабо эй соли нав, хуш омадӣ,
Соли нав, иқболи нав, хуш омадӣ.
Бар диёри Тоҷикистони азиз
Гӯиё як боли нав, хуш омадӣ.

## БИШАВ МЕҲМОНИ КӮЛОБӢ

*Нақарот:*
Биё, меҳмони кӯлобӣ,
Ки ту маҳбубу ноёбӣ.

Ба Хатлон гар равӣ, як дам бишав меҳмони кӯлобӣ,
Ки ёбӣ неъмати дунё ба рӯи хони кӯлобӣ.

Нагардонӣ зи нонаш рӯй, агарчи серу пур бошӣ,
Бихӯр як бурдаи ноне зи дастархони кӯлобӣ.

Фаровонӣ ба осонӣ намеояд ба хони кас,
Шавӣ огаҳ зи кору заҳмати деҳқони кӯлобӣ.

Кушояд панди пирон аз азал банди муамморо,
Бигирӣ баҳрае аз сӯҳбати пирони кӯлобӣ.

«Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад», –
Чу хуне медавад андар раҳи паймони кӯлобӣ.

Дуои нек бошад раҳнамои ҳар каси дилҷӯ,
Бирав бар марқади Мире, ки бошад ҷони кӯлобӣ.

Биё, ки мизбони беҳтарин худ Зикри Аллоҳ аст,
Ки ӯро дил ба шӯр ояд зи ҳамармони кӯлобӣ.

## ТӮЁНА

Зи ҷои хеш бархезед, ду дилдор меояд,
Гулеву булбуле аз домани кӯҳсор меояд.
Лаби домод хандон асту чашмонаш дурахшон аст,
Ки сармастаст хушбахт аз висоли ёр меояд.
Арӯси нозанин дорад ба дил уммеду армоне,
Барои хизмати аҳли ҳамин дарбор меояд.
Бихон, мутриб, ғазалҳои равонро бо ҳазор оҳанг,

Ки бӯи шодмонӣ аз чунин гуфтор меояд.
Қадаҳ лабрез бинмоеду гӯед аз накӯиҳо,
Ки ҷӯи май барои ҷилваи афкор меояд.
Ҳама хандон, ҳама хуррам, ҳама шодону рӯсурханд,
Ба ёд аз рӯи сурхи дӯстон гулзор меояд.
Ғанимат бошад ин базми висоли ду дили шайдо,
Ки он дар зиндагии кас фақат як бор меояд.

## БА ДОМОД

Тӯй дорӣ,
Бахту иқболу бароре хоҳамат.
Осмони беғуборе хоҳамат.
Дар раҳи пурпечутоби зиндагӣ
Тоқату сабру қароре хоҳамат.
Умри одам гаҳ баҳору гаҳ хазон,
Умри сабзи арчаворе хоҳамат.
Худ нишони бахти туст ангуштарӣ,
Обрӯву эътибое хоҳамат.

## ЧОРПОРАҲОИ ТӮЁНА

Меҳмонон, марҳабо, хуш омадед,
Дӯстони бебаҳо, хуш омадед.
Шоҳидони шодии ду навҷавон,
Қуввати дилҳои мо, хуш омадед.

Ба хона келину домод меояд,
Мунаввар чеҳраҳо чун рӯз гардад.
Зи файзи бахту иқболи ҷавонӣ
Ҳама ҷо хурраму фирӯз гардад.

Ин ҷуфт, ки чун ҷуфти кабӯтар бошанд,
Аз бахти накӯ рӯймунаввар бошанд.
Аз ишқ, ки ҳардуро ба васл оварда,
Домоду арӯс тоҷ бар сар бошанд.

Эй шаҳ, ба арӯси худ вафодор бимон,
Печида ба ӯ чу нақши девор бимон.
Хоҳӣ ту, нахоҳӣ, гузарад умри ҷавон,
Як умр вале ба ӯ мададгор бимон.

Арӯси нозанини резадандон,
Камонабрӯ парирӯ, чеҳрахандон.
Ба пушти лаб туро холи сиёҳест,
Қадат мавзуну гесӯ то ба домон.

Ранги гулу лолаву райҳона бин,
Рақси гулу чеҳраи хондона бин.
Ишва кунад, ноз кунад навниҳол,
Қадди гулу қомати ларзона бин.

Ин арӯси қадбаланди нозанин,
Гесувонаш майдабофӣ то замин.
Чун гулу булбул дар ин фасли баҳор
Бо шаҳи мо мешавад ёри қарин.

## ЭЙ ҶОНИ МАН

«Эй ҷони ман, эй ҷони ман,
Кай мешавӣ меҳмони ман?»
Боз о, ки медони ту худ
Пайдои ман, пинҳони ман.

Дар ишқи ту афсонаам,
Дур аз ту чун девонаам.
Ҳарчанд месӯзӣ маро,
Дар гирди ту парвонаам.

Нури чароғи ман туӣ,
Марҳам ба доғи ман туӣ.
Эй кош, бар гӯшам расад,
К-андар суроғи ман туӣ.

## КУРТАЧАКАН, БА РАҚС О

*Нақарот:*
Куртачакан, ба рақс о,
Ҳусни чаман ба рақс о.
Ҳусни чаман чӣ бошад,
Зеби Ватан ба рақс о.

Мо шод шудем, навбаҳор омадааст,
Бо бӯи гулу савти ҳазор омадааст.
Аз шавқи гули лолаву садбаргу суман
Ошиқ ба чаман баҳри шикор омадааст.

Аз абри баҳор риштаборон резад,
Болои гулу наргису райҳон резад.
Аз бахти сафеди ошиқон шому сахар,
Гӯё ба замин нуқраву марҷон резад.

Вақте ки расад бар нафасам бӯи сияҳгӯш,
Дил пора кунам аз ҳаваси ёри чаканпӯш.
Гулро биканам, ҳадя барам баҳри нигорам,
Ӯ маст шавад, бӯса занам аз ду бари рӯш.

## ГУЛҲОИ ХАТЛОН ДАР НАЗАР

Эй парӣ рӯи ту бошад моҳи тобон дар назар,
Зулфи мушкин печ-печу мори печон дар назар.
Абрувонат чун ҳилолу чашму мижгонат сиёҳ,
Тири мижгон мерасад чун тири пайкон дар назар.
Гунаҳоят лолаву бӯи муаттар дар ҳаво,
Мерасад атри хушу гулбоғи райҳон дар назар.
Шаддаи гардан физояд ҳусни оламсӯзи ту,
Нуқраву тиллои он чун қатраборон дар назар.
Гесувонат пушти сар бошад ҳамида то замин,
Майдабофӣ кардаӣ, борони найсон дар назар.

Куртаи гулбасти ту исторахо дорад базеб,
Мезанад чашмак ба сӯям зеби кайҳон дар назар.
Гар қадам монӣ зи пеши ошиқи шайдои худ,
Бо карашма меравӣ, кабки хиромон, дар назар.
Ҳар қадар ишқи туро аз дил бурун кардам, нашуд,
Сӯхтӣ болу парам, шамъи фурӯзон, дар назар.
Эй парӣ, аз худ марав, ки Зикри Аллоҳ хом нест,
Васфи ту гуфту вале гулҳои Хатлон дар назар.

**БЕВАФО**

Эй ёри дилозори ман,
Ту пургунаҳ хондӣ маро.
Бо кӯдаки ширхораам
Дар ними раҳ мондӣ маро.

Аз ишқи поки одамӣ
Дар дил надорӣ ту ҳавас.
Ту хор кардӣ ишқи ман,
Эй булҳавас, эй булҳавас.

Чун лолаи пажмурдае,
Андар миёни лолаҳо
Мондӣ маро бо ранги зард,
Эй бевафо, эй бевафо.

Аз дарду ғам овораам,
Овораву бечораам.
Дар рӯи раҳ чун гарди он,
Бо тифлаки ширхораам.

Ҳар дам дуоят мекунам,
Монанди ман овора шав.
Ҳам дар замин, ҳам дар само
Чун шишаи садпора шав.

## ЭЙ ГУЛБАДАН

Эй гулбадан, эй гулбадан,
Дидам туро андар чаман.
Шайдо шудам аз ишқи ту,
Эй гулбадан, эй гулбадан.

Ёрам туӣ, ёрам туӣ,
Моҳи шаби торам туӣ,
Ҳар дам миёни ошиқон
Дилбурда дилдорам туӣ.

Аз ишқи ту сарсон манам,
Озурдаву ҳайрон манам,
Дар осмони ишқи ту
Як ахтари тобон манам.

Ою ба ман раҳме бикун,
Эй бехабар, эй бехабар.
Армони ман бошад ҳамин
Бинам туро шому саҳар.

То рӯи оламтоби ту
Пеши назар, пеши назар.
Монанди хуршеди ҷаҳон
Рахшон бигардад ҳар саҳар.

## ТУРО ДИГАР НАМЕХОҲАМ

Зи ишқи ман макун ёде,
Ки ишқам рафта барбоде.
Маҷӯ васли маро дигар,
Ба афғону ба фарёде.

Туро дигар намехоҳам,
Намехоҳам, намехоҳам.

Ба ман умре ҷафо кардӣ,
Чу ёри бевафо кардӣ.
Сияҳ кардӣ ту бахтамро,
Аҷаб кори хато кардӣ.

Туро дигар намехоҳам,
Намехоҳам, намехоҳам.

Агар субҳи сафо бошӣ,
В-агар боди сабо бошӣ
Агар мушки хито бошӣ,
Ба дарди ман даво бошӣ.

Туро дигар намехоҳам,
Намехоҳам, намехоҳам.

## ГУЛАРӮСАК

Ошиқи хамгашти абрӯят манам,
Ошиқи дидори некӯят манам.
Гесувонат печ дар печу дароз,
Ошиқи печида гесӯят манам.

Гуларӯсак, ёри ҷонон хонамат,
Маҳфилоро зеби даврон хонамат.
Нурбахши рӯзу шабҳоям туӣ,
Офтобу моҳи тобон хонамат.

Кай шавад, ки бишнавӣ овози ман,
Ҷӯр гардад сози ту бо сози ман.
Рози қалбамро биёву гӯш кун
То шавӣ дар зиндагӣ ҳамрози ман.

Гуларӯсак, ёри ҷонон хонамат,
Маҳфилоро зеби даврон хонамат.
Нурбахши рӯзу шабҳоям туӣ,
Офтобу моҳи тобон хонамат.

## ЗЕБИ ХАТЛОН

Эй гули уммед, дар фасли баҳорон ҷилва кун,
Дар қатори майсаҳои киштзорон ҷилва кун.

Қуллаи кӯҳи сафеду абри найсонаш базеб,
Қад-қади рӯди равони кӯҳсорон ҷилва кун.

Мевазад форам насиму рақси гулҳоро бубин,
Ҳамчу гулҳои сафеди кундаторон ҷилва кун.

Базми Наврӯзи аҷам тасфад зи раъду тундараш,
Дар ғиреви тундару шир-шири борон ҷилва кун.

Мефизояд ҳусни ту аз куртаи нилобият,
Менамоӣ дар назар чун қатраборон, ҷилва кун.

Кӯр чашми ҳосидон аз ҷилваи рангини туст,
Боз Наврӯз омадаст, эй зеби Хатлон, ҷилва кун.

## МУҚАДДАС

Муқаддас, тори мӯят кам набошад,
Ба чашмони сиёҳат нам набошад.
Агарчи рафтаӣ ту аз бари ман,
Дили осудаатро ғам набошад.

Муқаддас, ҳар нафас ёди ту дорам,
Хаёли сирру савдои ту дорам.
Агар ту майсаи рӯзи баҳорӣ,
Шавам абри баҳору бар ту борам.

Муқаддас, рӯи ту чун моҳ бошад,
Чу дурӣ, ранги ман чун коҳ бошад.
Бисӯзам, ё бубинам, ё набинам,
Ҳамин дарди мани гумроҳ бошад.

## ХАЙРИННИСО, ТУ БОШӢ

*Ба Ҳунарпешаи Шоистаи Тоҷикистон*
*Хайриннисо Ватанова*

Чашму чу чашми оҳу,
Чашмак занад ба ҳар сӯ.
Озодаву парирӯ,
Хайриннисо, ту бошӣ.

Чашму абрӯят сиёҳу гесувонат тор-тор,
Рӯи саҳна мебароӣ бо навои чангу тор.
Мехиромӣ ҳамчу кабку гоҳ мепечӣ чу мор,
Чарх мегирӣ ба мисли боди рӯи марғзор.

Чашме чу чашми оҳу,
Чашмак занад ба ҳар сӯ.
Озодаву парирӯ,
Хайриннисо, ту бошӣ.

Шаддаи гардан ба рӯи куртаи гулбасти ту,
Латтаи каҷбаставу дасмонаҳои дасти ту.
Ҳусн мебахшад ба рақсу ҷилваи Кӯлобият,
Бахти ту бошад аён дар дидаҳои масти ту.

Чашме чу чашми оҳу,
Чашмак занад ба ҳар сӯ.
Озодаву парирӯ,
Хайринисо, ту бошӣ.

## ИШҚИ ТУ

Ишқи ту дар қуллаҳо афсона шуд,
Бо сафедиҳои он ҳамхона шуд.
То бинӯшам қатрае аз ишқи ту,
Сӯи руди кӯҳсорон омадам.

Чашмаҳои ишқи ту дар ҷӯш буд,
Ҳар тараф аз ҳимматаш гулпӯш буд.
То бубинам ишқи ту дар чашмаҳо,
Бар канори обшорон омадам.

Бар сари он кӯҳҳои устувор,
Бар лаби он чашмаҳои беқарор.
Бо умеди диданат, эй гулъузор,
Шоду хандон дар баҳорон омадам.

## ЭЙ БЕХАБАР

Эй бехабар, эй бехабар,
Боре ба сӯи ман нигар.
Ҷуз сӯхтан дар ишқи ту
Роҳе намеёбам дигар.

Овораву нолон манам,
Аз қисматам ҳайрон манам.
Дар кунҷаке бо сад умед
Роҳи туро пазмон манам.

Ҳушам ба сӯят меравад,
Бо ёди рӯят меравад.
Рӯҳи тани афгори ман
Нолон ба кӯят меравад.

Боз о, ки бе ту хастаам,
Бо дарду ғам пайвастаам.
Бе васли ту дар зиндагӣ
Бар марги худ дил бастаам.

## ТАБРИК

Омад баҳори хуррам, иди баҳор табрик,
Андар фазо парафшон турнақатор табрик!
Гулҳои сурху зардак печон ба мӯи ёрон,
Бишкуфтани ҷамоли фархундаёр табрик!
Чаҳ-чаҳзанон биболад булбул зи шохи гулрез,
Савту навои шӯхи сору ҳазор табрик!
Рангинкамон хамида болои кӯҳу теппа,
Чун дилбари чаканпӯш, ин рангу бор табрик!
Аз об мешавад сер дигар замини ташна,
Борони роҳати ҷон дар киштзор табрик!
Ояд ба гӯш ҳар дам оҳанги шодбошӣ,
Деҳқони ризқи моро кору барор табрик!

## ФАРХУНДА

Дидори ҳамчу маҳро
Фархундаҷон, ту дорӣ.
Холу чашми сияҳро
Фархундаҷон, ту дорӣ.

Тобанда дасту бозӯ,
Марғуладор гесӯ,
Зебанда гирдгаҳро
Фархундаҷон, ту дорӣ.

Товусвор рафтан
Чун кабк ғамза кардан,
Эҷоди қадди раҳро
Фархундаҷон, ту дорӣ.

Мижгони ту қатор аст,
Чун сабзаи баҳор аст.
Дилкаштарин нигаҳро
Фархундаҷон, ту дорӣ.

Хоҳам, ки бо ту бошам
Шӯридаву ғазалхон.
Дилҷӯй ҷойгаҳро
Фархундаҷон, ту дорӣ.

Аз ту умед дорам,
Гарчи гуноҳкорам.
Бахшидани гунаҳро
Фархундаҷон, ту дорӣ.

## МАСТИ ЧАМАН

Оҳубараи масти чаман мерақсад,
Бо куртаи нақшини чакан мерақсад.
Монандаи гулҳои тари фасли баҳор,
Дар саҳнаи қалби марду зан мерақсад.

Чун сабзиши майсаҳост рақсидани ӯ,
Чун боди сабо базеб печидани ӯ.
Ҳар накш ба ҷилва омада, мегӯяд:
Дунёи наве шукуфта дар домани ӯ.

Чун кабки дарӣ ба ноз по мемонад,
Дил бурда, маро ба доми худ мехонад.
Ҳар гоҳ ки сарви қоматаш меларзад,
Ларзидани он ба ин ҷаҳон меарзад.

## БИРАВ АЗ МАН

Бирав аз ман, бирав аз ман,
Сари роҳат намегирам.
Зи дарду ғам барои ту
Намегирям, намемирам.

Маро дар оҳу ваҳ мондӣ,
Чу гарде ними раҳ мондӣ.
Чу моҳ аз осмон рафтӣ,
Маро дар зери чаҳ мондӣ.

Агар ҳури замон гардӣ,
В-агар шоҳи ҷаҳон гардӣ.
Надорам боварат дигар,
Ки бо ман меҳрубон гардӣ.

Дигар тахтам намебахшӣ,
Сари сахтам намебахшӣ.
Чу хуршеди бари кӯҳе
Дигар бахтам намебахшӣ.

## ГУЛДУХТАР

Гулдухтари Кӯлоби ман,
Гулмоҳие дар оби ман.
Анадар замини бекарон
Ганҷинаи ноёби ман.

Холи лабу чашмат сиёҳ,
Рӯи сафедат мисли моҳ.
Кай ёбад ин ҷону дилам
Аз тири мижгонат паноҳ.

Зебанда бо ҳуснат чакан,
Рашки гулу сарви чаман.
Гар бигзарӣ товусвор,
Гулпӯш мегардад ватан.

Гулғунчаи армон туӣ,
Нерӯи ҷисму ҷон туӣ.
Чун моҳу парвину зуҳал
Рахшанда дар кайҳон туӣ.

# АШЪОРИ ҲАЧВӢ

## ХОНААШ ВАЙРОНУ
## ХУД ҲАЙРОН ШУДАСТ

Эй худоҷон, аз бари барнову пир
Лутф бинмо, завҷаи бадро бигир!

Шавҳараш наздаш нишинад баъди кор,
Мезанад нешаш ба як дам мисли мор.

Нафси бад дорад ба мисли аждаҳо,
Беш аз пеш аст ӯро иштиҳо.

Гарчи дорад куртаҳо ӯ беҳисоб,
Аз харидорӣ намегардад қимоб.

Сурху сабзу зард бошад мӯи ӯ,
Гаҳ кабуду гаҳ сияҳ абрӯи ӯ.

Назди оина нишаста бовиқор,
– Ин манам, – гӯяд, – арӯси думбадор.

Шӯй дорад гарчи ӯ болои сар,
Нӯл бо нӯл аст бо марди дигар.

Баччаҳо дар хона ӯро интизор,
Ҳайфи марди гумраҳи шабзиндадор!

Пухтани нону хӯроку шустушӯ
Низ бошад кори мард аз ҷабри ӯ.

Шавҳари бечорааш нолон бувад,
Шармсори ҷӯраву меҳмон бувад.

Завҷааш ӯро балои ҷон шудаст,
Хонааш вайрону худ ҳайрон шудаст.

## АРЗИ НАШЪАМАНД

Ғуломи нашъаи ғаддорам имрӯз,
Гадои кӯчаву бозорам имрӯз.
Зи хешу ақрабо худро бурида,
Барои ҳар яке озорам имрӯз.
Зану фарзанди худро фанд дода,
Ниҳонкорам, ки як айёрам имрӯз.
Намонда моли ман дар хонаи ман,
Ба яғмо бурдамаш, иқрорам имрӯз.
Ҳама кас аз пайи рӯзӣ равон аст,
Вале чун беҳнунар бекорам имрӯз.
Даводав мекунам, то нашъа ёбам,
Ба пеши кайфи он ночорам имрӯз.
Зи ҳоли ман агар хоҳед, донед,
Харобу лоғару афгорам имрӯз.
Пушаймонам, наёбам ҳеҷ тадбир,
Ба ҷуз маргам ба кӣ даркорам имрӯз?

## БЕТАМИЗ

Бетамизонро чу нохуби замон
Бад бубинанд аз азал пиру ҷавон.
Баски ифлос аст аз по то ба сар,
Мерасад аз ҷониби ӯ бӯи хар.
Дар сари хоне нишинад бетамиз,
Қап занад боиштиҳо мағзу мавиз.
Чашмҳояш ҳар тараф бозӣ кунад,
Ходимонро ӯ ҳамовозӣ кунад.
Хурд бошад луқма, дилгираш кунад,
Гаҳ калони он гулӯгираш кунад.
Луқма гирад тез-тезу бешумор,
Ишкамаш бетаг бувад монанди ғор.
Беш хӯрдан ҳаст то ӯро ҳадаф,
Мепарад об аз даҳонаш ҳар тараф.
Равғани ош аз бари дасташ равон,
Рӯи бинию бари рӯяш аён.

Табъи одам хира мегардад аз ӯ,
Мекунӣ роҳи гурезат ҷустуҷӯ.
Рӯи моро шарм аз ӯ оташ кунад,
Садқаи нон, садқаи ошаш кунад!

## САМБӮСАПАЗ

То рӯзе, ки ман ҳастам,
Аз бӯи пулам мастам.
Дар ин дунёи фиреб
Як одами чапдастам.

Самбӯса пухтан корам,
Мизоҷи афзун дорам.
Рӯзе маблағ наёбам,
Ба гумонам, ки хорам.

Лаҳми тозаи бозор
Дар самбӯса чӣ даркор?
Каллаи арзони гов
Фақат бошам харидор.

Хари пир агар дорӣ,
Макун бо ӯ бозорӣ.
Беҳтараш моро шинос
Бикун аз рӯи ёрӣ.

Сагони дайдӯ доред,
Ба кулбаи ман оред.
Ҳаққи худро гирифта,
Касеро наозоред.

Нафсам доим бикӯшад,
Чашми дилро бипӯшад.
Шиори ман шуд охир:
«Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад».

## МАРДИ ҲАРИС

Ёде бикун, эй марди ҳарис, амри худоро,
Боре ба сар овардаӣ ту фикри сахоро?
Ҳамён ба миён баставу ҷӯеи зарӣ ту,
Кай сер шавӣ, бас бикунӣ ҷабру ҷафоро?
Аз раҳ гузарӣ, ёвари мискин нашавӣ ту,
Поят шиканад, шатта занӣ дасти гадоро!
Дар хонаи ту ҷанги зану баччаву духтар,
Оё ба занат гуфта будӣ меҳру вафоро?
То гӯшаи холӣ шавад аз моли ҷаҳон пур,
Аз фитна бипӯшӣ ту ба сад ранг қаборо.
Дар ҳавлии ту мавҷ занад мошини бисёр,
Чашми ту алову нигарӣ кулбаи моро.
Бегона бувад бар ту суруду сухану шеър,
Фарқе накунӣ ҳанги хару созу наворо.
Бо зиндадилон ҳеҷ будӣ дар сари хоне,
Огоҳ наӣ мартабаи кайфу сафоро.
Парвардаӣ нафсиву надорӣ хабар аз ишқ,
Нафси ту рабудаст зи ту ақли расоро.
Аз моли ҷаҳон чашми туро сер надидам,
Дастат расад, аз худ бикунӣ боду ҳаворо.

## НОКАС

Қадам ҳаргиз намонам сӯи нокас,
Намехоҳам бубинам рӯи нокас.
Надонад ҳеҷ фарқи булбулу зоғ,
Ки безорам зи ҳоюҳӯи нокас.
Аз ӯ фарзанди некӯ кай бирӯяд,
Зиёнкор аст ҳар бадхӯи нокас.
Зи сар то по агар молаш бирезанд,
Набинӣ қатрае аз ҷӯи нокас.
Агар марди фақирӣ ту, чунон мон,
Аз он ки меравӣ бар кӯи нокас.
Биё моро, худоҷон, то дами марг,
Нигаҳ дор аз гапи бадбӯи нокас.

## ИШРАТЗАДА

Ба дарди бад гирифторам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд,
Заифу хаставу хорам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Ҳама шодиву дарди банда гар аз ломакон бошад,
Ба дардам худ гунаҳкорам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Паёпай мекашам бангу сигору носу героин,
Чу иблис аст рафторам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Барои кайфи худ бифрӯхтам то коҳдонамро,
На ҳавливу на дар дорам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Арӯси нозанинамро ғариқи дарду ғам карда,
Нампурсад маро ёрам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Надонам чӯҷаҳои лӯчу гирёнам куҷо бошанд,
Гадои кунҷи бозорам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Мани бадбахтро дигар на хеш асту на ёру дӯст,
Агарчи баҳрашон зорам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Падар аз ранҷи ман падруди олам гуфт, модар ҳам,
Худам бар дӯши худ борам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?
Дареғо аз ҷавониям, ки ман ҳам нозанин будам,
Кунун чун пири афгорам, ба ҳоли ман кӣ мегиряд?

## НАШЪАҶАЛЛОБ

Дар сарат фикре, ки дорӣ, дар сари инсон наяст,
Дар хаёлам дар танат бошад балое, ҷон наяст.
Рӯзу шаб дорӣ даводав аз пайи ризқи ҳаром,
Пораи нони ҳалолат рӯи дастархон наяст.
Дарди ҳифзи сарватат дар пайкари сарсони туст,
Аз вабо бадтар бувад в-аз он туро дармон наяст.
То ба дурӣ бурдаӣ моли чу заҳри қотилат,
Ту ба ном астӣ мусулмону туро имон наяст.
Пеши чашми ту наояд марги садҳо навҷавон,
Гарчи марги он ҳама бар модарон осон наяст.
Ҳеҷ донӣ, к-аз худо рӯзе ҷазоят мерасад,
Чунки кори неку бад аз чашми ӯ пинҳон наяст.

## НОКОРА

Чаро сӯзам барои одаме бекора мегардад,
Миёни шаҳру деҳ чун як гадо бечора мегардад.
Агар кораш диҳӣ, роҳи гурез аз кор мекобад,
Аз ин рӯ нотавону дарбадар, овора мегардад.
Занаш ҳайрону музтар ризқро пазмону ҷӯянда,
Гаҳе дилтанг аз ҷунбондани гаҳвора мегардад.
Агар садпора гардад об, якҷо мешавад рӯзе,
Вале бекора аз хешон ҷудо якбора мегардад.
Надонад меҳру шафқатро дилаш дар синаи тангаш,
Ки сахту беҳис он дил мисли санги хора мегардад.
Намегардад аз ин сон бешарафҳо гӯшае гулзор,
Чу гови лоғаре ӯ дар ғами кунҷора мегардад.
Худаш бар хеш товон мешавад чун муттаҳам рӯзе,
Ки охир аз ҷаҳолат дузд, ё майхора мегардад.

## ПУЛДОРӢ

Пул бар пиру ҷавону марду зан даркор шуд,
Пул дорад ҳар касе, донояки бозор шуд.
Гар равӣ бозор, бояд ки ба ҷайби пур равӣ,
Кисаи холӣ чу қалби соҳибаш афгор шуд.
Ҳусни хона гар палосу қолии рангин бувад,
Пул дорад кисае гар, қадри он бисёр шуд.
Хушкгардии дарахти камбағал донӣ зи чист? –
Ҷӯйҳои боғи ӯ бар оби борон зор шуд.
Чун бишуд бепул марди як замон овозадор,
Дӯсти нонии ӯ монандаи ағёр шуд.
Дар ҳама давру замон беқадр чун бепул нест,
Дидаам доно, ки ӯ бепул монду хор шуд.

## ХАТО КАРДӢ

Ба ҷони худ ситам кардӣ, хато кардӣ,
Ду чашмат пур зи нам кардӣ, хато кардӣ.
Барои ризқи фарзандон накӯшидӣ,
Ду по болои ҳам кардӣ, хато кардӣ.
Ба ҷурми нописандиву фаромӯшӣ
Дилатро ғарқи ғам кардӣ, хато кардӣ.
Миёни аҳли байтат қимате будат,
Сарат дар кӯча хам кардӣ, хато кардӣ.
Фаровон буд хони қиблагоҳи ту,
Вале онро чу кам кардӣ, хато кардӣ.
Худо ҳаргиз намебахшад гуноҳатро,
Гунаҳ бар айб зам кардӣ, хато кардӣ.

## НАВМЕДӢ

Рӯзи навмедӣ чу ояд, эътиборат гум шавад,
Дӯстӣ ҷонӣ равад, ёр аз канорат гум шавад.
Аз фаровонии сарват маст гаштан хуб нест,
Паст мастият кунад, авҷу барорат гум шавад.
Гар надонӣ қимати парвардаатро дар ҳаёт
Меваҳои бастаат бо шохсорат гум шавад.
Гул бикорӣ, гул бирӯяд, хор корӣ хорзор,
Эй дареғ аз номат, ар бо хорзорат гум шавад.
Кӯш, то номат бимонад дар дили мардони нек,
Чун нишон аз гӯри ту санги мазорат гум шавад.
Зикри Аллоҳ, аз муҳаббат гӯй абёти равон,
Рафта-рафта варна ҳар шеъру шиорат гум шавад.

## ТАНЗ

Дарди мансаб мешавад он гаҳ даво,
Гар ту бошӣ бо калонҳо ҳамнаво.
Рӯзу шаб мансабдеҳатро нон бидеҳ,
Гӯшти кабку бузи бирён бидеҳ.

Бо арақ ӯро ҳабиби худ бисоз,
Хизмати ӯро бикун соли дароз.
То набинад хотираш аз ту малол,
Баъди кораш дасту пояшро бимол.
Гар бихоҳӣ бар занаш моле барӣ,
Куртаи навмӯдро бояд харӣ.
Кӯдаконашро бибар бар боғча,
Бол зан ҷив-ҷивкунон чун зоғча.
Гову молашро ту коҳу нон хурон,
Бо сагаш шав хонаашро посбон.
Гар сагаш ав-ав кунад, ав-ав бигӯй,
Дар ҷавоби гурбааш мав-мав бигӯй
Соҳиби мансаб шудӣ, айёр шав,
Чун раисат рӯбаҳи маккор шав!

## ПУШАЙМОНӢ

Бубахшо, ки хато кардам, пушаймонам, пушаймонам,
Хиёнат бар вафо кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Ҳама бахти сафеди зиндагӣ хоҳанд дар олам,
Ба бахтам чӣ бало кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Зи андак норасоиҳо ба сӯят назди хешонат
Ду чашмамро ало кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Барои он, ки ман бошам баланд аз ту сари хонам,
Ба пешат нозҳо кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Гирифтам аз гиребонат миёни кӯчаву бозор,
Чу ҷоҳил сад нидо кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Гаҳе бо танпарастону гаҳе бо ғофилон аз хеш
Зи ғафлат рафтуо кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Ба бекориву нодориву номардиву бадфеълӣ
Туро овозаҳо кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Надонистам чу як ношукр қадру қимати васлат,
Туро аз худ ҷудо кардам, пушаймонам, пушаймонам.
Дареғи ман, ки дар чоҳи гунаҳ афтодаву худро
Сазовори ҷазо кардам, пушаймонам, пушаймонам.

## ҲАСРАТ

Мардҳо дар хонаву занҳо ба бозор омаданд,
Моли худ бигрифта, ҷӯёи харидор омаданд.
Гар зарур ояд, ба кӯҳи Қоф ҳам по мениҳанд,
Саргарангу рӯҳхаста чун паридор омаданд.
Халтаҳо чун лӯлиён дар тори сар, дар китфу пушт,
Ҷамъ карда моли савдо, аз Сари Ғор омаданд.
Мераванду ҳафтаҳо раҳпояшон мардони хоб,
Рав хабаршон деҳ, ки занҳошон пур аз бор омаданд.
Сахт месӯзад дилам бар ҳоли зори модарон,
Кай шавад бинем, мардон аз пайи кор омаданд.

## МУҲОҶИРИ ГУМРОҲ

Бимондам аз Ватан дуру сари бозор мегардам,
Зи бекорӣ шарики тӯдаи айёр мегардам.
Гаҳе дастам ба сӯи халтаю ҳамёни ҳар пир аст,
Гаҳе думболаи ҳар одами пулдор мегардам.
Агар афтам ба дасти миршаб, ё сарбурони зӯр,
Ба зонӯ гирди пои ҳар яке сад бор мегардам.
Ба боми хонаю таҳхонаҳо бошад макони ман,
Сари шаб то саҳар бо дидаи бедор мегардам.
Нахӯрдам то кунун як меваи тар дар ғарибиҳо,
Агарчи гирди садҳо шохаи пурбор мегардам.
Гаҳе аз рӯи номусам биҷӯям роҳи беҳбудӣ,
Ба гирди нуқтаҳои кор чун паргор мегардам.
Агарчи мекунам кор аз таҳи дил чун хари бобом,
Вале музде намебинам, фақат афгор мегардам.
Фиребу макру фанду ҳиллаи бисёрро дида,
Зи ҷабри нахалафҳо пас-паси девор мегардам.
«Ғарибӣ кӯи сахт асту касе рафтаст, медонад»,
Мани танҳои бесоҳиб тани бемор мегардам.
Аё модар, чӣ мепурсӣ ту аз ман ҳосили корам,
Ки чун майхораҳо аз хештан безор мегардам.
Агар дорӣ, фиристон роҳпулӣ, то ки баргардам,
Ватанро хор агар гӯянд, сӯи хор мегардам.

## ҲОЛДОНҲО

Занакҳои лаби об –
Огаҳ зи кори ҷаҳон.
Ҳарчи ки онҳо гӯянд,
Рух медиҳад ногаҳон.

Як бегоҳӣ Сафарбой
Хурсанд шуд аз як хабар.
Занаш муждааш овард,
Ки мешавад савдогар.

Сафарбойи қаровул
Якбора рӯзи дигар
Шуд ба амри Фармонов
Дар мағоза савдогар.

Бо амри нафси лаин
Амал карда каму беш,
Ҳақашро ниҳон мекард
Дар кисаи пасу пеш.

Бори дигар ҳамсараш
Шодон ба сӯяш давид.
Гапҳои наву тоза
Як-як бар ӯ расонид:

– Акнун занакҳо гӯянд,
Ки мешавӣ ту мудир.
Бояд, ки розӣ бошӣ
Аз ҳадяҳои тақдир.

Занакҳои лаби об
Доранд аз ҳама хабар.
Мудири анбор шуд
Сафарбойи савдогар.

Кулоҳи худ карда кач,
Розӣ зи кор гардид.
Аз неъмати мудирӣ
Мошинсавор гардид.

Худро карда вонамуд
Ҳамчун каси дилкушод,
Ҳар бегоҳӣ баъд аз кор
Занакҳоро ҳақ медод.

Хонаи лоин ба зуд
Шуд хонаи даккаданг.
Мудири аз худ рафта
Шуд ёри бодаву банг.

Баъди шаш моҳи расо
Омад ба гӯшаш хабар:
– Туро мегиранд аз кор,
Ҳамчу дузду ғоратгар!

Саҳар, чояш нохӯрда,
Милисаҳо расиданд.
Мудири гурезонро
Ҳамакаса қапиданд.

Ӯро ба маҳбас бурданд
Бе пурсишу бе тафтиш.
Дар маҳбаси сарду тар
Фузун шуд ӯро ташвиш.

Рӯзе аз занаш пурсид:
– Охир дорад ин азоб?
Дар ҳақам чиҳо гӯянд
Занакҳои лаби об?

Гуфто, ки гӯянд имрӯз
Чаро дилаш ғам гирад?
Ҷояш – ҷои мувофиқ,
Монед акнун дам гирад!

## СӮМПАРАСТ

Ту рафтаӣ дар ишқи сум,
Одамгарият карда гум,
Бар хешу фарзанду занат
Харҷат набошад қадри қум.
Илму каломи баччаҳо-т
Чун пули ту дар зери хум.
Бар буғчаи ҳамсояҳо
Чашмат ало чун чашми бум.
Бодавлате бинӣ агар,
Сӯяш ҳамесозӣ ҳуҷум.
Аммо барои камбағал
Боре наҷунбонӣ ту дум.
Дунболи ҷамъи пули муфт
Тай мекунӣ сад марзу бум.
Ҷонат ғуломи нафс ҳаст,
Ҷон медиҳӣ аз бахри сум.

## АҶАБ-АҶАБ ЗАМОНА

Аҷаб-аҷаб замона,
Дар ҳама ҷо баҳона.
Назди духтур гар равӣ,
Ҳайрони ӯ мешавӣ.
Дарди туро биҷӯяд,
Кам-кам дурӯғ гӯяд.
Гӯяд, ки эй бародар,
Дорӣ ғубор дар сар.
Ҳолат табоҳ тобад,
Шишат сиёҳ тобад.
Сурханд дидагонат,
Захмест дар забонат.
Пои чапат кафида,
Дилу ҷигар дарида.
Рагҳои гардани ту,
Аз кор кардани ту

Дигар ба кор н-оянд,
Аз пӯст мебароянд.
Хуллас, ки бемадорӣ,
Узви сиҳат надорӣ.
Худам дору мекобам,
Мисли ору мекобам.

Аҷаб-аҷаб замона,
Дар ҳама ҷо баҳона.
Бошӣ агар донишҷӯ,
Набошӣ каллакадӯ.
Киса холӣ гар равӣ,
Пушти муаллим давӣ.
Ранги рӯи панҷу чор
Ҳаргиз машав интизор.

Аҷаб-аҷаб замона,
Дар ҳама ҷо баҳона.
Савдогарони бозор
Доранд шиква бисёр:
– Надонӣ ҳоли маро,
Кам мазан моли маро.
Савдогарӣ осон нест.
Кори ҳар як нодон нест.
Рӯзу шабон медавам,
Хуни ҷигар мешавам.
Бор аз Хитой орам,
Азоби сагро дорам.
Роҳи дароз оям,
Ҷон дар гудоз оям.
То мерасам ба ин ҷо,
Мемонам аз дасту по.
Андоз месупорам,
Бе ноз месупорам.

Милиса ҳақ ситонад,
Ду киса ҳақ ситонад.
Ӯ равад, духтур ояд,
Дари дукон кушояд.
Ӯ фукбаланд бошад,
Дар фикри фанд бошад.
Напурсида аз ҳолам,
Аз ҳама гуна молам,
Бигирад ӯ беташвиш,
Бо баҳонаи тафтиш.
Аз ин рӯ молам арзон
Намешавад, эй ёрон.

Аҷаб-аҷаб замона,
Дар ҳама ҷо баҳона.
Ҳар ҷо ки по гузорӣ,
Бинӣ азобу хорӣ.
Пул аст чунки боло
Аз одамони доно.

## ЁР ОМАД

Ёр омаду ёр омад,
Бо қалби фигор омад.
Дилгир шуд аз Маскав,
Бе пайсаву бор омад.

Даҳ сол паяш гум буд,
Дар ҷуттуҷӯи сум буд.
Дар хизмати бегона
Мисли хари бедум буд.

Бишнид агарчи панд,
Доданд варо ҳам фанд.
Гӯё ки зад ӯро низ
Ношукрии чою қанд.

Ранҷидаву зор омад,
Озурдаву хор омад.
Аз роҳи дарозу дур
Безор зи кор омад.

Имрӯз, ки нотоб аст,
Дар бистари ғам хоб аст.
Беқуввату бедармон,
Ду чашм пур аз об аст.

Гӯяд, ки «Куҷо рафтам?
Бар доми бало рафтам.
Аз ғусса қариб охир,
Чу мурда ба гӯр афтам!»

Дигар нашавад аз ёр
Ӯ дур, ки гардад хор.
Дар меҳани бобоӣ,
Пайдо бишавад сад кор!

## АФСӮС

Аз он ҷоҳил, ки бас саҳву хато кардаст, сад афсӯс,
Дилу ҷонаш гирифтори бало кардаст, сад афсӯс.
Агарчи тахти бахташ буд баланд аз қуллаи кӯҳе,
Вале таҳқир чун ношукрҳо кардаст, сад афсӯс.
Сабук кардаст қадрашро, ки бо хели сабукфикрон
Ба уммеди саодат рафтуо кардаст, сад афсӯс.
Зи мағрурӣ накарда фикри фарзандони маъсумаш,
Ба ҷони хастаи онҳо ҷафо кардаст, сад афсӯс.
Ғуломи нафси худ гардидаву бар моли дунёӣ
Дилаш побанду чашмонаш ало кардаст, сад афсӯс.
Ба бод оварда охир давлати ҳамхонаи худро,
Гадояш кардаву аз худ ҷудо кардаст, сад афсӯс.

## БО ДЕГ ШИНӢ…

Дар макру фиреб мисли морӣ,
Аз беадабон чӣ фарқ дорӣ.
Дар ҷодаи эҳтироми мардум
Ту хислати раъду барқ дорӣ.

Як фикри расо ба сар надорӣ,
Аз зӯри хирад хабар надорӣ.
Аз амри падар бурун равӣ ту,
Дорӣ падару падар надорӣ.

Дар кунҷи лабат сигор дорӣ,
Бо бодаву банг кор дорӣ.
Афтода даруни лой гоҳе,
Аз қайъи худат наҳор дорӣ.

Ҳоло ки чу ғунчае ҷавонӣ,
Мепурс зи худ, куҷо равонӣ?
Ҳоло, ки умед аз ту доранд,
Бояд ки қадам ту рост монӣ!

## РОЗИ НОЗИРИ РОҲ

Вақти манро бингаред, чун боди сар-сар бигзарад,
Аз барои зиндагӣ дар тори Шар-шар бигзарад.
Миҷҷаамро таҳ накарда, дидбонӣ мекунам.
Гоҳ бо шодӣ, гаҳе бо миҷҷаи тар бигзарад.
Жолаи фасли баҳорон мезанад бар рӯи ман,
Дар ҳавои жолаву борону тунтар бигзарад.
Вақти гармо ҳам ба худ дорад ҳазорон сахтиҳо,
Пухтаву дилсӯхта, пуршӯру пуршар бигзарад,
Фасли сараморо намехоҳам ману ҳамроҳи ман,
Чунки субҳу шоми мо бо мӯзаи тар бигзарад.

## НОМАРД

Гӯям аз хулқу фараш, инро намедонӣ магар,
Аз сагу қулфи дараш, инро намедонӣ магар?
Хам макун сар пеши ӯ, сад мушкилат ояд агар,
Мешавӣ дарди сараш, инро намедонӣ магар?
Ӯ барои рафъи корат мекунад садҳо фиреб,
То намоӣ бовараш, инро намедонӣ магар?
Ҳоҷате орӣ агар, аз кабки рав нохун кунад,
Ё зи гову духтараш, инро намедонӣ магар?
Вақти сӯҳбат сар бихорад, тоқияш гирад ба даст,
Гаҳ бимонад бар сараш, инро намедонӣ магар?
Гарданаш каҷ, гап занад, чашмаш бидӯзад ҳар тараф,
Гаҳ ба рӯи ҳамсараш, инро намедонӣ магар?
Ӯ зи боғаш бар касе ҳаргиз набахшад мевае,
Гарчи пӯсад доллараш, инро намедонӣ магар?

## АРЗИ ХУШОМАДГӮ

Дар пеши пои сарварам афтон манам, афтон манам,
Ин ҷо биё, гӯяд агар, ларзон манам, ларзон манам.
Санҷишгаре ояд агар, пурсад зи ман кори варо,
Бо он ҳама донои ям, нодон манам, нодон манам.
Дузди калон сардори ман, ӯро намебинам қарор,
Гар бебарорӣ ояд аш, ҳайрон манам, ҳайрон манам.
Роҳат агар лозим шавад, гирад ба худ ҳамраҳ маро,
Якпоя монанди асо дарбон манам, дарбон манам.
Нолад агар сардори ман аз дарди сар, аз дарди по,
Чун пойбанди дарди ӯ гирён манам, гирён манам.
Доде занад ҳамсар ба ӯ: Тиллою алмосам биёр!
Аз доди арзи завҷааш сарсон манам, сарсон манам.
Дар олами пуршӯру шар деву парӣ бошад агар,
Ёбам ба худ то луқмае, чун баччаи шайтон манам.

## РАСВО МАШАВ

Бехабар дар гирди хони одамон пайдо машав,
Гар шавӣ пайдо дар он ҷо, тӯтии гӯё машав.
Гар ба ҷое меравӣ, боло зи болоҳо машин,
Банди баҳсу моҷаро бо мардуми доно машав.
Сабз мегардад ниҳол аз обмониҳои кас,
Гар надорӣ такягоҳе, мансабе ҷӯё машав,
Қадри ёру дӯстон боло бидон аз молу чиз,
Шавқманди молу чизу мансаби воло машав.
Ҳар куҷое дилбарон ширинзабонӣ мекунанд,
Сирри дил макшо, ба ҳар як раҳгузар шайдо машав.
Вақти танги одаме даъвои пул дорад зи дӯст,
Дур шав аз ҷангу даъво, шоҳиди даъво машав.
Гар бихоҳӣ дар амон бошӣ туву хешони ту,
Сарбасар дар зиндагӣ бо мардуми доро машав.
Май агар хоҳӣ, бинӯш, оҳиставу дониста нӯш,
Масти бехудгаштае дар кӯчаҳо лайло машав.
Зикри Аллоҳ он чӣ гуфту худ зи ӯ дурӣ гирифт,
Ту ба гӯш ин панд гиру дар ҷаҳон расво машав.

## ҒАЙБАТБОНУ

Ҳар гаҳ, ки ҳамон холаи ғайбат ба дар ояд,
Гӯё табари тези калонам ба сар ояд.
Хоҳӣ ту, нахоҳӣ, гузарад аз бари боло,
Бар гӯш аз ӯ ғайбати аҳли гузар ояд.
Гар чою асал, шарбату қандаш нагузорӣ,
Рӯбаҳсифату фитнагару ҳиллагар ояд.
Гӯяд, ки: – нигар баччаи бобои чапаргӯш,
Пеши бачаи манқаи Буз ҳар саҳар ояд.
В-он момаи Барфак чӣ шуда, хона ба хона?–
Бо буғчаи худ ғамзакунон пушти дар ояд.
Рӯи ману ту зард ба мисли гули хор аст,
Шӯи ману ту бо дигаре бар ба бар ояд.
Биншаста зани кӯзаки мо волга ба волга,
Дар пеши ҳама аҳли гузар ҷилвагар ояд.

Дидам, ки кари хаткаши якпои гузармон
Беҳуда садо карда баланд, афти хар ояд.
Пеши даҳани холаи ғайбат ту нагирӣ,
Аз марду зану баччаву бева хабар ояд.
Гар ақли туро ҳаст бачо, фарзи замона,
Парҳез аз ӯ ориву аз ӯ ҳазар ояд.

## ҶАҲЛИ ЗАН

Ҷаҳли зан ояд, зи кас бегона мегардад, дареғ,
Панди Саъдияш ба гӯш афсона мегардад, дареғ.
Марди нодон ҳар гаҳе бо ҷаҳли зан ҷаҳле кунад,
Оқибат дар зиндагӣ бехона мегардад, дареғ.
Рӯзгораш талх гардад з-оби ҷав ҳам талхтар,
Ғамгусораш бодаву паймона мегардад, дареғ.
Давлаташ бар хок резад, бар ҳаво гардаш равад,
Аз ғубори он дилаш вайрона мегардад, дареғ.
Ӯ биафтад пеши пои ҳар касу нокас мудом,
Чун гадои ҳар дару кошона мегардад, дареғ.
Аз зане гар кас биранҷад, рӯи олам тай занад,
Дар хаёлу ҳасрати ҷонона мегардад, дареғ.
Зикри Аллоҳ гуфт: – Бояд дар муросо мард буд,
Варна безан мард чун девона мегардад, дареғ.

## ГЕРОИН

Худ сафед астиву аммо рӯсиёҳам кардаӣ,
Хешро ширинтарин андар нигоҳам кардаӣ.
Обрӯям дар миёни дӯстонам буд баланд,
Шармсори пеши онҳо хоки роҳам кардаӣ
Поку сиҳат будаму заҳри бадан гаштӣ маро.
Эй ту захри беамон, бо оҳу воҳам кардаӣ.
Кайфи ту ояд агар, чун мурдаи рӯи раҳам,
Беҳису беқадртар аз гарди коҳам кардаӣ.
Аз барои ту шудаduздидаам моли зиёд,
Камгунаҳ будам, валекин пургуноҳам кардаӣ.

Тарки ту кардан бароям ҳаст душвору азоб,
Пеши мардум ту ба зӯри худ гувоҳам кардаӣ.
Занҷудоям кардию беору номусу адаб,
Лек дарси ибрати ҳар марди роҳам кардаӣ.

## ЭҲТИЁТ

Ба айби зан маранҷон додаратро,
Зи дасти зан масӯзон хоҳаратро.
Ба ҳар ҷое равӣ, пайдо шавад зан,
Равад модар, наёбӣ модаратро.
Зани дур аз вафо ёвар набошад,
Раҳо кун аз ғаму ҳасрат саратро.
Набинӣ ёру хешон гирди хонат,
Билохир баста мебинӣ даратро.
Зи чашмонат гаҳе хуноба резад,
Намебинад ду чашмони таратро.
Агар рӯзе ба болин сар бимонӣ,
Бигирад аз таги сар бистаратро.
Ҷудо гаштӣ гар аз вай, дуртар бош,
Вале ҳар дам бубин пешу баратро.
Макун бовар, агар зорӣ намояд,
Мадеҳ як дона ҷав аз вай харатро.

## МАЛОМАТЗАДА

Гар шавад нопок зан, бори маломат мекашад,
Аз нигоҳи раҳгузар ҳатто хиҷолат мекашад.
Назди аҳли деҳаву ҳамсояву хешу табор
Сад ғаму дарду алам, озору заҳмат мекашад.
Баччаҳояш тунду тезу духтаронаш беҳаё,
Сӯи пастӣ эътибори халқу миллат мекашад.
Дар чаман чун мурғаки бе болу пар, озурдадил,
Аз суруди мурғакони шӯх ҳасрат мекашад.
Фурсате мастӣ кунад, фориғ зи номи одамӣ
Хешро бар домани хориву зиллат мекашад.

# ГУЛРЕЗАҲО

* * *

Аз дафтари зиндагӣ варақ мегирам,
Аз ҳар варақаш ба худ сабақ мегирам.
Ҳар чиз худо маро ато бинмояд,
Чун тӯшаи худ ба роҳи ҳақ мегирам.

* * *

Ин роҳи ҳаёт гоҳ пастӣ дорад,
В-аз бодаи айш гоҳ мастӣ дорад.
Қадди ту расо чу сарв набвад доим,
Чун пир шудӣ, асобадастӣ дорад.

* * *

Дар фасли баҳор абри найсон зебост,
Бишкуфта табиати баҳорон зебост.
Бар дашту даман чу майдаборон резад,
Ҳар қатраи он чу дурру марҷон зебост.

* * *

Дар вақти гули лола ба саҳро биравам,
Дашту даману чаман тамошо биравам.
Гулро чӣ кунам, ба дидани ёри базеб
Монандаи ошиқони шайдо биравам.

* * *

Аз дашту даман бӯи баҳор ояд боз,
Думболи баҳор гулнигор ояд боз.
Хезам, биравам ба дидани ҳусни ҷаҳон,
То бар дили ошиқам қарор ояд боз.

* * *

Аз таҳти дилам ба Ҳақ садоқат дорам,
Бар луқмаи додааш қаноат дорам.
Дар зиндагиям тамаъ накардам ҳаргиз,
Имонталабам, варо ибодат дорам.

* * *

Ошиқ, ки шудӣ, дарбадар аз хона шавӣ,
Аз хешу табору ҷӯра бегона шавӣ.
Гар ёр ба коми худ биорӣ, хуб аст,
Варна зи ғами зиёд девона шавӣ.

* * *

Ошиқ манаму кист бигӯ дар бари ту,
Ё нест магар фикри вафо дар сари ту?
Кай ёд кунӣ зи ман ту, эй ёри азиз,
То сахт шавад ба зиндагӣ бовари ту?

* * *

Бе ёди рухат ғарибу бечора шавам,
Дар шаҳру деҳу диёр овора шавам.
Дилро, ки супурдаам ба ту чун Маҷнун,
Гар боз ба ман диҳӣ-ш, дилпора шавам.

* * *

Рӯзе, ки ба ман расид гулномаи ту,
Хондам ба алам чакидаи хомаи ту.
Дар синаи худ меҳри туро ҷо додам,
Пас дафтари дил ба чашми ту бикшодам.

* * *

Аз дасти ғамат ба каф гирифтам қаламам,
То дар хати охирин нависам аламам.
Аммо чы кунам, ки мисли як пири хароб
Дар нимаи раҳ фитод ногаҳ қаламам.

* * *

Имрӯз баҳор асту биё ноз макун,
Бар душмани ман дари дилат боз макун.
Ҳарчанд ки лоф мезанад чун ошиқ,
Бо ӯ ту бинои зиндагӣ соз макун.

* * *

Ман рози дилам ба ту бигӯям, ё не,
Гулбоғи висоли ту бибӯям, ё не?
Пинҳон ту макун сирри дилат, фош бигӯ,
Бар қалби ту ман роҳ биҷӯям, ё не?

* * *

Эй мисли гули баҳор, садбарги тарам,
Бо амри худо ту кош, ой ба барам.
Ҳаргиз нагузорамат шавӣ хору ҳақир,
Болои сарам кунам чу ҷону ҷигарам.

* * *

Ин ҷелаки зардӯзӣ-м ёр овардаст,
Он ёри базеби гулъузор овардаст.
Ҳар гаҳ, ки ба бар кунам варо аз шодӣ,
Гӯё ба канори ман баҳор овардаст.

* * *

Эй ёр, биё маро дигар хор макун,
Коре, ки нахоҳамаш, ба ман бор макун.
Бо пеши бари кушода то ними шикам
Савдогари саргаранги бозор макун.

* * *

Аз пушти дари боғ нигоҳе дорӣ,
Дар синаи ман тухми муҳаббат корӣ.
Тухме, ки ту корияш, кунам деҳқонӣ,
То хӯша кунад, ҳеҷ набинад хорӣ.

* * *

Дар бешаи пистаҳо чу дулона манам,
Дар хонаи худ мисоли бегона манам.
Ҳарчанд ғами замон қадам хам созад,
Безори маю шаробу майхона манам.

* * *

Эй моҳлиқо, сайри чаман омадаӣ,
Сайри гулу лолаву суман омадаӣ.
Дар рӯзи баҳори гулфишон пешаки ёр
Бо куртаи нақшини чакан омадаӣ.

* * *

Аз хандаи ӯ пиру ҷавон ханда кунад,
Ҳар ҳуснпарасти ин ҷаҳон ханда кунад.
Бо куртаи нақшини чакан чун рақсад,
Гулҳои замину осмон ханда кунад.

* * *

Бо ишваю ноз чун қадам мемонӣ,
Андар дили ман дарду алам мемонӣ.
Нодида маро мегузарӣ бепарво,
Андӯҳи маро ту бо қалам мемонӣ.

* * *

Ошиқ ба туам, биё лаби об равем,
Байни гулу гулзор даме хоб равем.
Дилгир ману туем аз заҳмати рӯз,
Бар сӯҳбати истораву маҳтоб равем.

* * *

Эй духтараки гулбасари мӯйдароз,
Дар пушти дарат хайма занам рӯзи дароз.
Девона шавам, дилам тапидан гирад,
Ҳар гаҳ ки қадам занӣ ту бо ишваю ноз.

* * *

Ҳар гаҳ ки зи кӯи ту гузар мекардам,
Бар бому дари кӯча назар мекардам.
Аз додару аз хоҳару аз модари ту,
Оҳиста қадам монда, ҳазар мекардам.

* * *

Ангури сияҳ фидои чашмони ту бод,
Маҳтоб асири рӯи рахшони ту бод.
Ҳам хандаи пистаҳову ҳам донаи нор
Дар банди лабу зираи дандони ту бод!

* * *

Эй баччаи ҳамсоя, чӣ ранҷидаӣ ту,
Аз духтари бегунаҳ чиҳо дидаӣ ту?
Дилканда аз ӯ шудиву ё месанҷӣ-ш,
Ё гул зи чаманҳои дигар чидаӣ ту?

* * *

Аз ҳамсари меҳрубон ба ҷон меболам,
Огоҳ бувад ҳамеша аз аҳволам.
Бо меҳр маро дуо диҳад вақти сафар,
Ҳар ҷо ки равам, кушода бошад болам.

* * *

Дармони дили ман аст армону умед,
Бар қадри суханҳои ҳакимона расед;
Аз доштани нони сияҳ шукр кунем,
Аллоҳ кунад ато ба мо нони сафед.

* * *

Имрӯз ба роҳи худ равонем чу бод,
Гаҳ ғусса ба дил дорем, гаҳ хотири шод.
Дар роҳи ҳаёти мо, ки паст асту баланд,
Бибрида умед аз дили банда мабод!

* * *

Доне, ки ба сад умед пошӣ ба замин,
Чун тифл варо парасту ғофил манишин.
Ҳосил агар он зиёд орад, ё кам,
Аз сабти хати ҷабину тақдир бубин.

* * *

Ҳоло ки ҷавониву ҷавонӣ дорӣ,
Дар олами бахт комронӣ дорӣ.
Имрӯз ба қадри он бирас, ки фардо
Дарди дили хеш посбонӣ дорӣ.

* * *

Борони баҳор дам ба дам меборад,
Гаҳ шоду гаҳе пур аз алам меборад.
Ҳамранги вай аз дидаи ман шорида,
Ашкам ҳама дам ба ҳар қадам меборад.

* * *

Доне, ки варо накиштаӣ, дони ту нест.
Ноне, ки фурӯ набурдаӣ, нони ту нест,
Он чиз, ки аз ту менагирад нафаре,
Ҷуз покию меҳрубонии ҷони ту нест.

* * *

Рӯмоли базеб армуғон овардам,
Аз сӯзиши ин дилам нишон овардам.
Аммо чӣ кунам, падар туро розӣ нест,
Гӯё ки ба ту балои ҷон овардам.

* * *

Эй духтараки лоларухи латтасафед,
Дар сар чӣ хаёл дорӣ, дар дил чи умед?
Гар молталаб туӣ, бирав аз бари ман,
Сард аст туро умед чун барфи сафед.

* * *

Дарё, ки равон аст, равон мемонад,
Дар ҳар ду тараф соҳили он мемонад.
Як қатра зи оби ӯ агар нӯш кунӣ,
Дар маҳзани хотират ҳамон мемонад.

* * *

Дар рӯи замин мо ҳама меҳмон астем,
Як даста гули сурхи пурармон астем.
Гаҳ некиву гаҳ бадӣ бидидем аз умр,
Аз неку бади ҷаҳон пушаймон астем.

* * *

Ҳар лаҳзаи умрро ғанимат донем,
Сармояи айши он муҳаббат донем.
Алфози латифи дӯстони ҷонӣ
Маҳбубтар аз шаробу шарбат донем.

* * *

Дар сайру тамошои гулу гулзорам,
Дар дил ҳаваси нигори гулгун дорам.
Як дастаи гул барои ӯ тӯҳфа барам,
Шояд ки азизи худ бихонад ёрам.

* * *

Ошиқ, ки шудӣ зи барфу борон ту матарс,
Аз ҳайбати шеру гургу морон ту матарс.
Гар ҷони туро барои ёрат гиранд,
Сад ҷон бикану зи кандани ҷон ту матарс.

* * *

Шодем, ки боз навбаҳор омадааст,
Болои сарам турна қатор омадааст.
Гулҳои тару тозаи айёми баҳор
Зебандаи дасти ҳар нигор омадааст.

* * *

Ошиқ ба туам, зи гуфтанаш дар ҳазарам,
Ту бехабарӣ, ки ошиқи дарбадарам.
Парвонасифат ба гирди ту бол занам,
Дар оташи худ бисӯхтӣ болу парам.

* * *

Маълум бишуд маро, ки ту булҳавасӣ,
Дарё манаму ба рӯи мавҷам ту хасӣ.
Сад бори дигар агар бигӯӣ зи вафо,
Донам, ки ба қадри бовафоён нарасӣ.

* * *

Боз о, ки зи дурият дилам бемор аст,
Аз бори ғурури ту танам афгор аст.
Ту ҷабр макун, ки қувватам кам шудааст,
Ин ҷуссаи бемор ба кӣ даркор аст?

* * *

Бемораму кай маро мададгор шавад,
То шодии ҷовидон маро ёр шавад.
Э кош ки чун ризқи мани саргардон
Гарди рахи ӯ ба миҷҷаам бор шавад.

* * *

Эй духтари нозанин, ту садбарги тарӣ,
Аз кӯчаи ошиқони худ кай гузарӣ?
Вақте гузарӣ ба сӯи ман ноз бикун,
Донам, ки зи аҳволи дилам бохабарӣ.

* * *

Ҳангоми баҳор аз абр борон резад.
Дар домани дашту киштзорон резад.
Гоҳе ба алам ба рӯи себаргаи тар
Чун қатраи ашки наварӯсон резад.

* * *

Ошиқ ба сари кӯҳ равад, нола кунад,
Аз дарду ғами духтари қинғола кунад.
Гар тар нашавад ҷону тани хастаи ӯ,
Тарки ватанаш вақт гули лола кунад.

* * *

Ин субҳ ҳама сайри баҳор омадаем,
Бо сози наю тору сетор омадаем.
Аз бӯи гулу дашти пур аз сабзаи тар
Сармаст шуда, пешаки ёр омадаем.

* * *

Дидори туро ба кӯзаи зар надиҳам,
Зар чист, варо ба кони гавҳар надиҳам.
Гар амри Худо шавад, ки гирам дастат,
То ҷон дорам, дасти туро сар надиҳам.

* * *

Маъшуқаи зардинаи гандумгунам,
Ту бехабарӣ, зи ишқи ту маҷнунам.
Дигар ту магӯ: – маро бубар сайри ҷаҳон,
Ман камбағалам, як ҷигари пурхунам.

* * *

Дарду алами одам агар беш шавад,
Мӯҳтоҷ ба бегонаву бар хеш шавад.
Марҳам нашавад агар касе дарди варо,
Озурдаву бемадору дилреш шавад.

* * *

Овози наят чу дар кафи бод шавад,
Булбул зи фироқи гул ба фарёд шавад.
Ҳар ошиқи шайдо шунавад сози наят,
Аз сӯзиши дил ба мисли Фарҳод шавад.

* * *

Дар дидаи ту чу мурғи бебол манам,
Гаҳ лому гаҳе нуну гаҳе дол манам.
Хоҳӣ, ки бидонӣ ҳама тақдири маро,
Як баччаи бечораи бемол манам.

* * *

Аз гулшани ишқи ту бурун хоҳам рафт,
Чун булбули хаставу забун хоҳам рафт.
Вақте ки ту ор кардӣ аз нодорӣ-м,
Аз бахти бади ту чашмхун хоҳам рафт.

* * *

Дар хирмани зиндагӣ каҳе бод бикун,
То шод шавӣ, дили касе шод бикун.
Рӯзе, ки расад ба дасти ту бодаи пур,
Аз ҳамдами боданӯши худ ёд бикун.

* * *

То ҳаст замин, дашту даман мемонад,
То ҳаст Ватан, меҳри Ватан мемонад.
Аз олами ҳастӣ гузарад шоҳу гадо,
Баъди сари мо шеъру сухан мемонад.

* * *

Борони баҳори нав ба рӯям борад,
То рӯи замин қад-қади мӯям шорад.
Армону ҳавас маро ҳамин бошаду бас –
Орому маҳин ба вақти тӯям борад.

* * *

Шунав дарду фиғонам, эй худоҷон,
Ки дорам аз баду бадкор афғон.
Худоё баркан, охир, решаи бад,
Надонад ҳеҷ бадхӯ қадри некон.

* * *

Туро дарде даруни сина бошад,
Зи нодониву доғи кина бошад.
Чу хун аз бинният сар мезанад ӯ,
Агарки кинаат дерина бошад.

* * *

Ҷавонӣ рафту хам шуд қомати ман,
Дигар шуд достони қисмати ман.
Нахоҳам бенишон рафтан зи олам,
Ки кам сӯзад ҷаҳон аз фурқати ман.

* * *

Гули сурхе, ки дорӣ назди хона,
Зи пешаш оби чу бошад равона.
Шавам гулбон, агар ту розӣ бошӣ,
Бубинам чеҳраат бо ин баҳона.

* * *

Гулистонро гули зебанда бошӣ,
Миёни гулрухон арзанда бошӣ.
Ҳама истораву ту дар нигоҳам
Чу моҳи чордаҳ рахшанда бошӣ.

* * *

Ҳар он соат, агарки метавонӣ,
Биомӯзӣ басо андар ҷавонӣ.
Зи пирони замона баҳрае гир,
Мададгорат шавад дар зиндагонӣ.

* * *

Худоё, ҷисму ҷонро офаридӣ,
Замину осмонро офаридӣ.
Барои васли ушшоқи ҷигарсӯз
Касони меҳрубонро офаридӣ.

* * *

Ҷавонмардо, агар дар зиндагонӣ
Ба доми ранҷ хоҳӣ дар намонӣ,
Ҳунар омӯзу хизмат кун ба мардум,
Ки иззатманд монӣ ҷовидонӣ.

* * *

Бидон, ҳар кори дунё дар ҳисоб аст,
Чароғи раҳнамои мо китоб аст.
Бикӯш, аз зиндагӣ гардӣ ту розӣ,
Ки умри одамӣ андар шитоб аст.

* * *

Агар духтар надонад қадри номус,
Шавад дилхаставу хотирпарешон.
Ба сар ояд варо дарду алам беш,
Зи кори бад шавад охир пушаймон.

* * *

Ҷигарбандам, надорам чора имрӯз,
Манам як модари овора имрӯз.
Чӣ суд аз зиндагонии пур аз ғам,
Танам лоғар, дилам садпора имрӯз.

* * *

Эй духтари шӯхи порворӣ,
Охир ту бигӯ, чӣ ном дорӣ.
Ман пухта шудам зи сӯзи ҳиҷрон,
Аммо ту хаёли хом дорӣ.

* * *

Ман ёри туам, биё ба пешам,
Эй марҳами дарди қалби решам.
Армони дилам шикаста гардад,
Вақте ки шавӣ ҳабибу хешам.

* * *

Дарди дили ман ҳазор ранг аст,
Аз дарди зиёд сина танг аст.
Сар хам накунам ба пеши номард,
Ин кор барои мард нанг аст.

* * *

Ошиқат ҳастам, ба дил дорам ҳавас,
К-аз сари роҳам барои ҳар нафас.
Гар бубинам рӯи зебои туро,
Дил бурун орам бароят аз қафас.

* * *

Бахт мехоҳам ба ту, бахти баланд аз кирдигор,
Тахт мехоҳам ба ту, тахти баланди рӯзгор.
Ҳамчунон хоҳам ба ту ман аз худои муттаол
Хонаи пурбаччаву дар зиндагӣ сабру қарор.

* * *

Аз беадабон ҳарос дорам,
Шарм аз каси носипос дорам.
Ҳар чиз, ки гуфтаам дар ин боб,
Бар гуфтаи худ асос дорам.

* * *

Қуи тори сар гузашту баччагиям мисли он,
Ҳамчу барқе дар баҳорон, ё чу абри осмон.
Ё чу боди сар-сарӣ дар пуштаву дар ёлаҳо,
Ё чу ашки наварӯсон рӯи барги лолаҳо.

* * *

Ба устодон бикун хизмат, дуои нек аз эшон гир,
Ки аз панди накӯшон мерасонӣ бар нишонат тир.
Надонӣ қадрашон, охир ба доми дард дар монӣ,
Набинӣ бахту фирӯзӣ, шавӣ андар ҷавонӣ пир.

* * *

Диламро пеши ҳар кас во нахоҳам кард,
Ба чашми гулрухон шайдо нахоҳам кард.
Зи ишқи дилбаре ноком агар гардам,
Барои васли ӯ даъво нахоҳам кард.
Вуҷудамро нигаҳ дорам зи нафси бад,
Ки худро нокасу расво нахоҳам кард.

* * *

Медамад субҳи сафову рафтуо сар мешавад,
Мурғакони шохсорон дар паропар мешавад.
Ҳар касе дунболи кори худ ба сӯе медавад,
Зиндагӣ ранги дигар бигрифта, дилбар мешавад.
Сӯи мактаб мениҳод омӯзгор оҳиста по.
Умри ӯ сарфи раҳи уммедпарвар мешавад.

* * *

Зери по мекунад ӯ хони туро,
Нохалаф гарчи хӯрад нони туро.
Гар ба мансаб бирасад, вой аз ту,
Талх созад ҳама даврони туро.

* * *

Шикастарӯҳаму афсурдаҳол, сад афсӯс,
Маро шикаста дигар парру бол, сад афсӯс!
Дар ин ҷамоаи сангиндилони тирапараст
Намонда қимати оби зулол, сад афсӯс!

* * *

Зумрае по мениҳад бар рӯи нон,
Зумрае холӣ бубинад рӯи хон.
Зумрае пул дораду мастӣ кунад,
Зумрае ҳаргиз набинад рӯи он.

* * *

Ҳайфи умри одамӣ, бо сирру савдо бигзарад,
Дар талоши луқмае шӯру ғавғо бигзарад.
Меравӣ гаҳ зинсавору гаҳ равонӣ зинбапушт,
Гоҳ бо шодӣ гаҳе бо дарду даъво бигзарад.

* * *

Ҳомии мо ҳаст марди мӯътабар,
Бо бузургон ҳамнишин, бологузар.
Дар дифои Меҳан ӯ рӯзу шаб аст,
Халқро бошад нигаҳбон аз хатар.

* * *

Эй дӯст, шод бош, ки шодӣ ғанимат аст,
Ҳиммат баланд дор, ки ин умр қимат аст.
Мардона аз баландии мансаб маноз ҳеҷ,
Хам гир сар, ки одати марди баиззат аст.
Аз кинаву ҳасад ту ба дил заррае намон,
Зеро ки дил маҳалли сафои ибодат аст.

* * *

Гаҳ ҷабри замонаро кашидам,
Гаҳ хандаи бахти хеш дидам.
То қадр ба чашми дӯст дорам,
Сад шукр кунам зи рӯзгорам.

* * *

Кай шавад рӯзе, ки мо якҷо шавем,
Марҳаме бар дидаву дилҳо шавем?!
Ҳосиле бардошта аз ишқи худ,
Баччадору соҳиби маъво шавем.

* * *

Озурдадилу хаставу афгор манам,
Бадбахти дари хонаву бозор манам.
Аз зиндагӣ уммед надорам дигар,
Афтода ба чоҳи ҳилаи ёр манам.

* * *

Дар дилам меҳри ту андӯхтаам,
Чашм дар роҳи ту ман дӯхтаам.
Худ надонам, ки ман аз фурқати ту
Об гардида ва ё сӯхтаам.

* * *

Дар ин дунёи дурӯза накардам фикри зар ҳаргиз,
Пиёда рафтаам ҳар ҷо, накардам фикри хар ҳаргиз.
Худогӯён қаноат пеша кардам, то дар ин дунё
Агарчи бенаво бошам, набинам чашми тар ҳаргиз.

* * *

Сари хони пур аз нонам биё рӯзе, биё рӯзе,
Ки монам рӯи хон ҷонам, биё рӯзе, биё рӯзе.
Туро, эй меҳмони хонаи дил, ман шудам пазмон,
Ба дарди сина дармонам, биё рӯзе, биё рӯзе.

* * *

Бикун маҳкам ту бо мардони доно ошноиро,
Чу оқил сайр кун умре ҷаҳони бовафоиро.
Намак хӯрдӣ зи дастархони кас, аз вай машав ғофил,
Зи ёрони саодатҷӯ макун фикри ҷудоиро.

* * *

Қимати кас дар дили халқаш агар афзун шавад,
Ҷомаи беранги ӯ андар танаш гулгун шавад.

* * *

Ҳар кӣ бошад бандаи ту, эй худо, хораш макун,
Пеши соҳибмансабон мӯҳтоҷи ҳар кораш макун.

* * *

Нохонда намон қадам ту бар ҳеҷ макон,
Шояд ки расонанд ба қадри ту зиён.

* * *

Ҳар куҷое по ниҳад соҳибҳунар,
Аз ҳунармандӣ шавад бологузар.

* * *

Меҳмонро гар бидонӣ ту азиз,
Мӯътабар бошӣ ба ҳар ҷое ту низ.

* * *

Агар хониву илмеро бидонӣ,
Ба доми тирабахтӣ дар намонӣ.

* * *

Набояд кард коре, ки гуноҳ аст,
Ки охир чоҳкан дар зери чоҳ аст.

# АШЪОРИ БАЧАГОНА

---

## ҶОНИ БОБО

*Ба набераам Абдуллоҳи дусола*

Чун мағзаки нон бошад,
Чун шираи дон бошад.
Ҷону ҷигари бобо,
Ӯ ҷонаки ҷон бошад.

– Ҳалво-м бихар, – гӯяд,
Ҳар ҷо-м бубар, – гӯяд.
Бо лаҳҷаи ширинаш
Ҳар шому саҳар гӯяд.

Хоҳам, ба амон бошад,
Ӯ дар сари хон бошад.
Ширу шакари бобо,
Пайванд ба ҷон бошад.

Ҳаргиз накунам ҷангаш,
Бӯсам рухи пурчангаш,
Лабҳои пури қандаш,
Дастони пури рангаш.

Дарёи равон бошад,
Хуршеди ҷаҳон бошад.
Қанду асали бобо,
Аз бачча нишон бошад.

## ЛОЛО ШУДАМ

Додо будам, бобо шудам,
Бобояки лоло шудам.

Пур аз набера хонаам,
Дар ҳалқаи ғавғо шудам.

Пуркор фарзандони ман,
Дар лаб дуо, мулло шудам.

Келинчаҳо бар ҷон азиз,
Дар хидмати онҳо шудам.

Монанд то солим ҳама,
Мушфиқтар аз Сино шудам.

Момост акнун ҳамсарам,
Фармонбари момо шудам.

Дар кору бори ҳавлиям
Побанд сар то по шудам.

Доро набудам як замон,
Имрӯз ман доро шудам.

## БОБОИ ТӮФОН

Дар деҳи Дарай Эмом
Дар қатори дигарон
Хизматгори ҳама буд
Падарам – бобои Тӯфон.

Ӯ буд як марди бананг,
Безор аз низову ҷанг.
Барои хурду калон
Маҳзани шеъру фарҳанг.

Маънии зиндагиро
Мардум аз ӯ пурсон буд.
Бо хабару бехабар
Хонаш пури меҳмон буд.

Гаҳ кӯҳу пушта мерафт,
Аз баҳри кабку нахчир.
Медавиду бе хато
Мезад ба сӯяшон тир.

Ҳамсӯҳбату накӯкор,
Дар ҳунар дасташ гул буд.
Барои аҳли деҳа
Сартароши бепул буд.

## ПУШАЙМОНӢ

Алихони беқарор,
Алихони бебарор.
Аз мактаб хона омад,
Бо сад баҳона омад.

Гуфто, ки аз Ниёзӣ –
Муаллими риёзӣ.
Баҳои бад гирифтам,
Ман аз худ дар шигифтам.

Ана дуи кач̣миён,
Дар мавзӯи обу нон.
Ба осонӣ гирифтам,
Бе сарсонӣ гирифтам.

Аз ин аҳволи нангин,
Бишуд модарам ғамгин.
Ҷангу ҷидолам бикард,
Аз худ малолам бикард.

Эй дуяки кач̣миён,
Туро газам бо даҳон.
Чаро, ки аз рафиқӣ
Бо ту шудам пушаймон.

## АНОРИ ХУШБАХТ

Дар лаби ҷӯбор,
Ҷубори обдор
Ҳамсоя буданд
Чанору анор.

Бигуфто чанор,
Рӯзе ба анор.
«Баҳри ту охир,
Мева чӣ даркор?»

Ранҷида анор,
Ба қасди чанор.
Бубаст мева,
Бисёру бисёр.

Вақте бачаҳо,
Анор чиданд.
Шохаҳои он
Каме хамиданд.

Дар он дам чанор
Гуфто бо такрор,
«Нагуфтам ба ту,
Мева чӣ даркор!?»

Бигуфто анор,
Боло карда сар.
«Шодам аз он ки,
Медиҳам самар.»

**ИСКАНДАРИ ДӮСТРӮЯК**

Искандари сесола,
Чашму абрӯяш сиёҳ.
Ҳама ӯро бибӯсад,
Вақте барояд ба роҳ.

Ширинруху хандон аст,
Гапдонаку чаққон аст.
Сӯи бибиву бобо
Тапак-тапак равон аст.

Бобо, ки пандаш диҳад,
Мавизу қандаш диҳад.
Хурмову себу олу
Ба дасти ӯ мениҳад.

Мехӯрад ӯ батартиб
Ҳадяҳои бобояш.
Бобо равад, нагиряд,
Искандар аз қафояш.

## ЗОДРӮЗ

Очаҷонам ин пагоҳ,
Кулчаи қандинам пухт.
Сарамро сила карда,
Куртаи рангинам дӯхт.
Гуфто: – «Имрӯз иди туст,
Эй гули боғи умед.
Ҳама ба ту бихоҳем,
Бахту иқболи сафед.»
Ана омад бобоям,
Холаҷону тағоям.
Дугонаҳом омаданд,
Дар лаб паём омаданд.
Сад гуна чиз оварданд,
Мағзу мавиз оварданд.
Як лӯхтаи мав-мавӣ,
Як сагчаи ҳав-ҳавӣ.
Рӯмолаки гулдор ҳам,
Тӯтияки болдор ҳам.
Вақте ки шудам калон,
Ба очаи меҳрубон.
Ҷавоби хизматашро,
Медиҳам аз дилу ҷон.

## ЛОНАЧАҲО МЕСОЗЕМ

Гунҷишкаке ҳар саҳар
Бо шодӣ орад хабар:
«Хезед, ба мактаб равед,
Аз паи матлаб шавед!
Шуморо ҳаст интизор,
Мураббиву китобдор.
Қадри онҳо бидонед,
Хонед, боз хонед!
Ғайри хондан дар мактаб,
Рақсу бозӣ ёд гиред.

Барои паррандаҳо
Лонасозӣ ёд гиред.»
Аз ҷив-ҷиви гунҷишкак
Ба сӯи мактаб тозем,
Барои паррандаҳо
Лоначаҳо месозем.

## ПАНДИ БИБӢ

Нишаста дар бари ман,
Сила кунад сари ман.
Мекунад қиссахонӣ,
Аз ранҷи зиндагонӣ.
Гӯяд: – «Ожангам аз ӯст,
Қомати чангам аз ӯст.
Хоҳӣ ки дар намонӣ,
Зиндагиро бидонӣ.
Аз панду гуфтори пир,
То тавонӣ, баҳра гир.»

## БАЗМИ ПАРРАНДАҲО

Дар боғи мо ин баҳор
Нашъунамои гул шуд.
Ба ҷои зоғи сияҳ
Нағмасаро булбул шуд.
Майнаяки касал ҳам,
Занбӯраки асал ҳам.
Ҳудҳудаки нулдароз,
Тӯтиву қумриву боз.
Гуфтугузоре карданд,
Хеле бозоре карданд.
Хурсандӣ шуд бекарон
Аз гулу боду борон.
Гӯё ҳама мегуфтанд:
« – Хуш омадӣ, баҳорон!»

# БИГЗАШТАҲО

## ХОБ

Мане дар хоби ман бо дидаи бедор мегардад,
Гаҳе дар тори кӯҳи Валвалак афгор мегардад.
Ба рӯи китф дорад халтаи себу анору нок,
Равон бечорасон бар ҷониби бозор мегардад.
Гаҳе андар хариди равғану қанд аст саргардон,
Харад то моли кас арзон, ба мисли мор мегардад.
Гурезон гашта гоҳе аз ҳуҷуми сахти таксистон,
Сараш хам, пои ларзон пас-паси девор мегардад.
Ба донишгаҳ дарояд гоҳ, ҷӯяд устодашро,
Вале бепайса ӯ аз имтиҳон сад бор мегардад.
Шикоят мекунад гоҳе, вале гӯшаш намесозанд,
Зи беинсофии ин давр чун бемор мегардад.
Намехоҳад, ки нодору ҳақиру нотавон бошад,
Вале дармондаи бечорагӣ ночор мегардад.
Баногаҳ сӯи ӯ ояд сиёҳие балоангез,
Дамаш мегираду бар як нафас ӯ зор мегардад.
Мане дар хоби ман охир гурезон мешавад аз хеш,
Нагардад ҳоли ӯ беҳ, ҳар гаҳе бедор мегардад.

* * *

Ҳасрату дарду алам дорад дилам,
Ту магӯ, к-андӯҳи кам дорад дилам.
То нагардад ғарқи дарёи алам,
Рӯ ба дафтар, бар қалам дорад дилам.

Чархи гардун тофт даврони маро,
Дод ӯ барбод армони маро.
Он чи мебинад кунун чашмони ман,
Мефишорад қалбу виҷдони маро.

Ҳайф, ки ободиҳо вайрона шуд,
Баҳри мору чуғзу каждум хона шуд.
Илму олим пеши мардум хор шуд,
Ҳар яке савдогари бозор шуд.

Рӯи равған медавад теғи табиб,
Гуиё ҳастанд мардумро ҳабиб.
Гар бувад бемор бе пул, ҳайфи ӯ,
Доруе бар ӯ намегардад насиб.

Боадаб ҳар кас намегӯяд сухан,
Панди Ҳофиз гӯиё гашта куҳан.
Лафзу гуфтори қабеҳу носазо
Мерасад дар ҳар қадам бар шаъни зан.

Қалби тоҷик аз ватан пурдард шуд,
Аз ватан тоҷик кунун дилсард шуд.
То ки ёбад луқмае, бечоравор
Гаҳ ғуломи тӯдаи номард шуд.

Ман наям навмеди рӯзи сахти ӯ,
Мерасад рӯзе, кушояд бахти ӯ.
Чунки марди оқилу ҳимматбаланд
Боз ҷо бигрифт рӯи тахти ӯ.

## ҒАРИБ

Як булбул андар бӯстон
Хушхону хушовоз буд.
Шеъру ғазалҳои хушаш
Ширинтар аз ҳар соз буд.

Рӯзе ба амри сарнавишт,
Булбул бирафт аз бӯстон.
Ҳайфо, ки охир гашт дур
Аз хонаву аз дӯстон.

Бӯстони нав мехост ӯ,
Аммо дареғ, онро наёфт.
Ёрони нав мехост ӯ,
Хуштабъ ёронро наёфт.

Булбул дигар норохат аст,
Булбул дигар бекудрат аст.
Дур аз чаман, дур аз Ватан
Озурдаву бекимат аст.

Зоғи сиях дар он макон,
Шак-шак кунад, бошад калон.
Аз шеъру аз созу суруд
Харфе наорад бар забон.

Булбул ба айби зоғу ғоз
Хар рӯз хорӣ мекашад.
То лукмае пайдо кунад,
Ӯ душворӣ мекашад.

Аз ғам шуда бемори сил,
Мехри Ватан дорад ба дил.
Ку ёваре, то аз Ватан
Орад барояш обу гил?

Рӯзи бахорон мешавад
Кӯи Ватанро интизор.
Бинад варо гар дар само,
Ёбад дилаш кадре карор.

Аммо набинад ёваре,
Мӯхтоҷи хоку обу дон.
Назди гули пажмурдае
Бошад хамӯшу безабон.

Он ҷо, ки бас беқимат аст,
Созу ғазалҳои равон.
Ин булбули дур аз Ватан
Он ҷо бимонад ноаён.

Бе болу пар, бе симу зар,
Аз он диёри пурхатар
Сӯи чаман, сӯи Ватан
Кай мекунад азми сафар?

## ЗИНДАГОНӢ

Зидагонӣ дар азобу бемадорам кардааст,
Баҳри қутти лоямут аз пушти корам кардааст.
Мезанам худро ба ҳар сӯ, то ки ёбам луқмае,
Шармсори хонаву фарзанду ёрам кардааст.
Файзи худро дода бар як тӯдаи ноаҳлу бад,
Дар раҳи иқбол чашми интизорам кардааст.
Бесаводон рӯи кору босаводон хору зор,
Хоки пои бесаводони диёрам кардааст.
Аспи тозӣ дар раҳаш қамчӣ задан мехостам,
Аспро аз ман рабуда, харсаворам кардааст.
Бо ҳама ҷабраш вале шукронагӯӣ мекунам,
Гарчи аз гулзори шодӣ дар канорам кардааст.

## МЕСӮЗАМ

Барои гиряи ҳар кӯдаки бегона месӯзам,
Барои пири аз по мондаи бехона месӯзам.
Касе бар ҳоли нокоме зи рӯи мастияш хандад,
Бар рафтори баду ин хандаи мастона месӯзам.
Куҷо парвонае сӯзад ду боли хеш дар оташ,
Ба ҳоли ошиқи нокоми чун парвона месӯзам.
Аҷаб ҳар тори мӯи зиндагӣ пурпечу пуртоб аст,
Барои суфтагии мӯи ӯ чун шона месӯзам.

Агар девонае аз зиндагӣ бинам ба рӯи раҳ,
Барои одами аз зиндагӣ девона месӯзам.
Заминро аз нукӯхоҳони худ ҳаргиз надидам сер,
Барои рафтагони дар миён афсона месӯзам.

## ДАРДИ ДИЛ

Даври беорӣ бубин, аз бад пушаймонӣ намонд,
Хор шуд Ислому дар олам мусулмонӣ намонд.
Одамӣ чун майсаи хушкидае дар зери пост,
Дар чароғи бахти одам нурафшонӣ намонд.
Ошиқон рӯ дар гурез аз хонаву аз ёру дӯст,
Кӯҳканҳо зери хоку аҳду паймоне намонд.
Зумрае ғоратгарӣ доранд бе шарму ҳаё,
Гуиё дар ҷисмашон аз хуни Сомонӣ намонд.
Мерасид овози булбул як замон форам ба гӯш,
Гашт хомуш булбулу созу ғазалхонӣ намонд.
Эй Худо, раҳме бикун бар миллати овораам,
Сар ба садҳо дар заду, аммо зи сарсонӣ намонд.

* * *

Гуфтаниҳо дораму ногуфтани ман беҳтар аст,
Баски медонам шикоят аз замон дарди сар аст.
Мефишорад қалби оқилро ғами вазнин чу кӯҳ,
Он чи мегӯям, зи андӯҳи дили ман камтар аст.
Дар чаман қадре надорад дӯстдорони чаман,
Дар канори гул нигар, зоғи сияҳ дар қар-қар аст.
Булбули хушхон куҷову нолаи дилсӯз ку?
Майсаву гулҳо надида, доимо пушти дар аст.
Рӯбаҳи маккор то кай комронӣ мекунад,
Шери майдон хуфта бошад, мори афъӣ афсар аст.
Лоғару бечораву овора гови ширдеҳ,
Сабзаву гулҳои тар гирён таҳи пои хар аст.
Гурги золим гӯсфандонро ба дом афкандааст,
Дар кафи шӯбон канори гурги золим соғар аст.
Зилки Аллоҳ аз қалам имдод меҷӯяд мудом,
То сабуксози ғамаш иншои рӯи дафтар аст.

## МАҶРОИ ТАҚДИР

*Қисса дар бораи тақдири тифле,*
*ки солҳои сиюм модараш ӯро монда,*
*ба Афғонистон фирор карда буд*
*ва вохӯрии онҳо баъд аз чил сол*
*ҳикоят мешавад*

**1**

Баччагӣ дар умри мо чун боди сар-сар будааст,
Чун гуле дар бӯстони ишқи дилбар будааст.
Мисли барқе дар миёни пораи абри баҳор,
Ё ба гӯш овози дар парвози тундар будааст.
Бигзарад чун тири пайкон бобарору бебарор,
Гарму сарди баччагӣ гӯё баробар будааст.
Вақти бозӣ баччаро бар ёд н-ояд гушнагӣ,
Ишқи бозӣ дар дилаш аз ҳар чӣ хуштар будааст.
Ҷумларо дар баччагӣ болои бому рӯи раҳ
Дил кашоли сагчаву зоғу кабӯтар будааст.
Ҳар қадар сарсонии афзун бувад дар баччагӣ,
Бо ҳама сарсонияш чун тоҷ бар сар будааст.
Бемаҳал таркаш намояд модари ғамхор агар,
Баччаи беочаро ҷо дар паси дар будааст.

**2**

Ҷавониро камоли умр гӯянд,
Ҷавониро ҷамоли умр гӯянд.
Қадам монда ба сӯи навҷавонӣ,
Раҳо гаштам зи доми нотавонӣ.
Замони нек омад бар диёрам,
Маро ҳам бобарор афтод корам.
Баҳорам дар ҷавонӣ гашта оғоз,
Чу шоҳин пар кашида, кард парвоз.

Маро мақсуд буди рӯи олам.
Ки чун Сино бисанҷам набзи одам.
Хаёламро ба хондан банд кардам,
Сабақро бо амал пайванд кардам.
Паси сар мактабу матлаб ба ҷо шуд,
Ки гӯё ғунчае бишкуфту во шуд.
Камар дар хизмати халқам бубастам,
Ба ҷо орам қасам, то он ки ҳастам.

**3**

Маро ҳамчун табиб аз Тоҷикистон
Равон карданд сӯи мулки Афғон.
Дар он ҷо як шаби сарди зимистон
Ки мезад бар тиреза барфу борон,
Касе сахту паёпай зад дари ман,
Ҳамон вақте ки вазнин буд сари ман.
Ба хизматгор гуфтам, дар кушояд,
Касе бошад, бимонаш, ки дарояд.
Вале бо он ки дар мезад, мағал кард,
Бирав! – гуфту ду-се куфру дағал кард.
Аз ин кораш хиҷил гаштам саросар,
Бигуфтам, – кори бад карди, бародар,
Ҷавобам дод: – «Ӯ бошад зане пир,
Зани пир асту ҳарҷогарду дилгир.
Гадои ин макон бошад чу каргас,
На аҳли байт дорад, не ягон кас.
Варо дар хона бошад як набера,
Касал бошад, аҷаб не, он сағера».
Гапи афғон маро гӯё дубора
Бибурди бар замони бахти тира.
Ки будам як замон ман ҳам сағера,
Бароям рӯзи равшан буд тира.
Табам буд, роҳ рафтан мушкилам буд,
Хаёлам, дарди ӯ дарди дилам буд.
Зи ҷо бархостам дарҳол ногоҳ,
Гирифтам, ҷониби кампир ман роҳ.

**4**

Ба кунҷи хонаи нимгарми лоин,
Зи сӯзи гиряаш тар карда болин.
Ба паҳлӯ хоб будӣ навниҳоле,
Набуд аз зӯри таб ӯро маҷоле.
Ба дардаш марҳаме ҷустам ҳамоно,
Ба уммеде, ки мегардад тавоно.
Нишастам лаҳзае дар пеши духтар,
Ки бинам, дарди ӯ монад саросар.
Бидидам рӯи пурожанги кампир,
Ду чашми хираи беранги кампир.
Ду дасти лоғараш чун бед ларзон,
Тани ошуфтааш бинмуд беҷон.
Ба рӯяш оби дида аз дили сард,
Сиришкаш ҳамчу борон аз ғаму дард.
Сипас пурсидамаш, ки аз куҷоӣ,
Ки ин сон лағариву бенавоӣ?
Бигуфто: – «баччаам, маҷрои тақдир
Маро андар ҷавонӣ карда буд пир.
Замоне масканам буд Тоҷикистон,
Набудам бахти ҷамъу буд парешон.
Ягона сарпарастам буд тағоям,
Буд ӯ модар, буд ӯ додар бароям.
Дигар дилҷӯву дилбанде набудам,
Дигар авлоду пайванде набудам.
Ба дунё моли ман гаҳвораам буд,
Бузеву кӯдаки ширхораам буд.
Ба уммедаш ниҳодам ном Беҳрӯз,
Ки бахташ нек гардад рӯз аз рӯз.
Вале дилгиру яксон рӯзи ман буд,
Тасаллои дилам Беҳурӯзи ман буд.
Баногаҳ кулфате омад саросар,
Барои аҳли деҳа, халқи кишвар.

Ки гӯё душмане ояд тавоно,
Шикамчок ӯ намояд пиру барно.
Касеро гар мадоре ҳаст, хезад.
Ба ҳар ҷое, ки битвонад, гурезад.
Ки душман кофар асту рус бошад,
Ба мӯъмин душмани номус бошад.
Яке бигрехта сӯи кӯҳистон,
Дигар овораву гирёну сарсон.
Саввумӣ кунҷи хона буд ларзон,
Зи рӯзи сахти қисмат монда ҳайрон.
Мани бечора пеши гоҳвора,
Парешону ба худ ҷӯёи чора.
Гаҳе бӯсида аз рухсори фарзанд,
Дилам садпораи рафтори фарзанд.
Ки гоҳе панҷааш мезад ба рӯям,
Ки гоҳе мекашид ӯ тори мӯям.
Ба ногаҳ пушти дар омад тағоям,
Бизад фарёд, к-аз хона бароям.
Давида сӯи ҳавлӣ ман ҳаросон,
Надонистам, чӣ гӯям, монда ҳайрон.
Вале чанге бизад чун бошаи пир,
Ки гӯё аз камон холӣ бишуд тир.
Ба пушти асп ҷоям дод ногоҳ,
Ба дасти холиву бе тӯшаи роҳ.
Фирорӣ гашта сӯи мулки Афғон,
Агарчи буд ҳавои сарду борон.
Набудам чораву гаҳвораам монд,
Дарунаш баччаи ширхораам монд.
Қадам бар давлати Афғон бимондем,
Зи ҷабри зиндагӣ ҳайрон бимондем.
Ҳама мардум саросар бенаво буд,
Ки гӯё бом якто, ду ҳаво буд.

Расидему барои мо даво шуд,
Ҳама он норавоиҳо раво шуд.
Бидодем он чӣ буд аз молу зевар,
Зи мо он ҷо гирифта чанд духтар.
Маро дода ба афғоне тағоям,
Ки аз ин гушнагӣ шояд бароям.
Зи афғон духтаре зодам ба дунё,
Варо номе ниҳода буд: – Кимё.
Вале падруди дунё гуфт афғон,
Нишон аз ӯ будӣ Кимёи гирён.
Тағоям ҳам зи дунё даргузаштӣ,
Хаёли рӯзи хуш дар сар, гузаштӣ.
Надидам роҳати рӯзи ҷавонӣ,
Фақат сахтӣ бидидам, нотавонӣ.
Калон кардам нахустин духтарамро,
Ҳамон Кимёчаи мушти парамро.
Ба шавҳар додамаш, то рӯз бинад,
Кушояд бахташу наврӯз бинад.
Вале афсӯс, ӯ ҳам мисли модар,
Ба дарду ғам намуда зиндагӣ сар.
Касал гашту зи дунё шавҳараш рафт,
Ягона ғамгусораш аз бараш рафт.
Дигар он хушгилам бадбахт гардид,
Тасаллои дилам бадбахт гардид.
Гузашта аз миёна фурсате чанд,
Сари фарзанд рафту монд фарзанд.
Умеду орзӯи ман ҳамин аст,
Ба пирӣ бахту тахти ман ҳамин аст.
Агарчи аз ватан ман дуру хорам,
Ҳамеша обу хокаш ёд орам.
Маро ҳар навдаи токаш азиз аст,
Маро ҳар чашмаи покаш азиз аст.

Надорам чорае, рӯзам сиёҳ аст,
Фақат ду чашми ман доим ба роҳ аст,
Ачаб не, зинда бошад, баччаи ман,
Ки умре сӯхтам ҷону дилу тан.
Касе шояд, гирифтӣ баччамро,
Ҳамон ширхораи беочаамро.
Ватан рафтед агар, кобед ӯро,
Барои хотирам ёбед ӯро.»
Сипас гуфтам, ки – «Мома аз кучоӣ?
Бигӯ ҷоят, бикун ту раҳнамоӣ.
Ки ман ҳам ном дорам, ном Беҳрӯз,
Ва шояд, бахти ман бикшояд имрӯз!»
Бигуфто номи ҷое, ки замоне
Ба сар бурдам дар он рӯзи ҷавонӣ.
Ба ёд овард ӯ ҳар сангу хораш,
Ҳама барнову пирони диёраш.
Сипас аз ашки сӯзон рӯй тар кард,
Кашид ӯ оҳу ёде аз писар кард.
Бигуфто: – «Дошт холе рӯи шона,
Худо гӯё варо мондӣ нишона.»
Дигар сабру қарорам рафт аз даст,
Дилам гӯё даруни синаам ҷаст.
Задам фарёд: – «Эй бахти фурӯзон,
Туро ман ёфтам, эй очаи ҷон!
Ана, он холи ман дар рӯи шона,
Ҳамон холе, ки бошад чун нишона.
Ҳамон Беҳрӯзи бадбахти туам ман,
Ҳамон Беҳрӯзи сарсахти туам ман.»
Ба оғӯшам кашидам модарамро,
Ҳамон озурдаи мушти парамро.
Бибӯсид ӯ сару рухсору шастам,
Баногаҳ рафт аз ҳуш рӯи дастам.

Ба ҳуш овардамаш бо малҳами хеш,
Бибӯсидам варо ман беш аз пеш.
Бигуфто: – «Эй худо, ёдам ту кардӣ,
Замони пириам шодам ту кардӣ!
Ба пирӣ бахту иқболам ту додӣ,
Худовандо, пару болам ту додӣ.

**5**

Адо шуд хидматам дар мулки Афғон,
Бибояд ки биоям Тоҷикистон.
Давидам гаҳ ба Маскав, гаҳ ба Кобул,
Бихондам пеши сардорон чу булбул.
Бигуфтам модару дармони ҷонам,
Бибояд, ки барам, ин ҷо намонам.
Ягона мавҷи дарёяш манам, ман,
Ягона ганҷи дунёяш манам, ман.
Ҳар он ҳуҷҷат, ки буд даркор, бурдам,
Ба ҳар ҷое, ки буд лозим, супурдам.
Ки он пажмурдаи боғу чаман боз,
Бимонад пой дар хоки ватан боз.
Чу боз омад, зи шодӣ ашкрезон,
Ба ҷон бӯсид хоки Тоҷикистон.
Ду каф болои сар гуфто: – «Худоҷон,
Ғарибонро ба мулки хеш гардон.
Ғарибе шоҳ агар гардад, ғариб аст,
В-агар Қорун бигардад, беҳабиб аст.
Қасам бар қатраҳои поки ширам,
Дигар армон надорам, гар бимирам!»

## МУНДАРИҶА

Ба ҷои фотиҳа ........................................................................ 3

Гулзори меҳр ........................................................................ 5

Машқи ғазал ........................................................................ 37

Сурудҳо ........................................................................ 55

Ашъори ҳаҷвӣ ........................................................................ 71

Гулрезаҳо ........................................................................ 91

Ашъори бачагона ........................................................................ 108

Бигзаштаҳо ........................................................................ 115

**Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.**

# ЗИКРУЛЛОҲИ ФАЙЗУЛЛОҲ

# РОЗИ МУСОФИР

*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 25.07.2011 супурда шуд. Чопаш 27.07.2011
ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 7,0.
Адади нашр 500 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ «Мир издателей» чоп шудааст.
734018, Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17